В связи с этим, считаем с целью вовлечения в предпринимательскую деятельность все большего молодого поколения посредством точечной государственной поддержки, нужно разделить стадии развития молодых предпринимателей на три группы, согласно возрастной категории.

[2] Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона к Маджлиси Оли от 26.12.2019 г. [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://today.tj/prezident/35508-html (дата обращения 27.12.2019)




**Рисунок 3. - Стадии формирований развития молодых предпринимателей по возрастным группам**

**Источник:** Составлено автором

Также одним из наиболее благоприятных путей развития малого и среднего предпринимательства является вовлечение малых и средних компаний в цепочку экспортёров. На рисунке 4. нами предложены меры по государственной поддержке экспортно-ориентированного малого и среднего предпринимательства, включающего в себя прямую финансовую поддержку, стимулирование развития экспортного производства, а также косвенные меры, содействующие экспорту и созданию благоприятного делового климата для ведения бизнеса.




**Рисунок 4. - Меры государственной поддержки экспортно - ориентированного МСП**

**Источник:** Составлено автором

Предлагаемые нами меры Государственной поддержки, экспортно-ориентированных малых и средних предприятий могут способствовать ускоренному развитию экспорта в стране, а также поднятию делового рейтинга Таджикистана на международной торговой арене.

Считаем наряду с другими предложенными мерами, особое внимание следует уделить развитию электронной экспортной торговли. В век техники и технологии развитие данного направления является весьма актуальной задачей. На наш взгляд для более успешного развития экспортного потенциала Республики Таджикистан, особое внимание нужно уделять созданию и развитию специализированных электронных экспортных торговых площадок, ориентированных на малый и средний бизнес.




**Рисунок 5. - Основные преимущества электронной экспортной торговли**

**Источник:** Составлено автором

Сцелю большего вовлечения малого и среднего предпринимательства к площадкам электронной торговли, необходимо проводить семинары и обучающие курсы по онлайн-экспорту. На курсах эксперты должны, помочь предпринимателям, находить клиентов и закрепится на торговых площадках.

Электронная торговля поднимает на качественно новый уровень экономические взаимодействия. В Таджикистане предпринимателям нужно развивать электронную торговлю не только в экспортной сфере, но и в повседневной деятельности, предлагая свои товары и услуги через интернет. Для этого необходимо улучшить качество и доступность интернета. По скорости мобильного интернета Таджикистан занял 137-е место из 141 стран мира в обновлённом рейтинге Speedtest Global Index на январь 2022 года. В Таджикистане, по подсчётам Speedtest, скорость фиксированной широкополосной связи в среднем по стране составляет 21,1 мегабита в секунду, а скорость мобильного интернета и того ниже – 8,55 мегабита.

Интернет является не только источником информации, но и эффективным инструментом продаж. Им активно пользуются зарубежные предприятия, представители малого и среднего бизнеса, поставляя продукцию и услуги в разные страны мира. Развитие электронной торговли напрямую зависит от качества и доступности интернета. Малому и среднему предпринимательству в Таджикистане нужно развивать электронную торговлю не только в экспортной сфере, но и в повседневной деятельности, предлагая свои товары и услуги через интернет.

## ЗАКЛЮЧЕНИЕ

### *А) Основные научные результаты диссертации*

Проведённое исследование различных концепций развития малого и среднего предпринимательства и анализ фактического материала по обоснованию роли малого и среднего предпринимательства в обеспечении устойчивого экономического развития, позволили нам сформулировать ряд обобщающих теоретических выводов и практических рекомендаций, заключающихся в следующем:

1. Исследования подходов к проблеме определения понятий предпринимательства и предпринимателя до наших дней перетерпели ряд изменений в понимании сути самого этого слова. Анализируя различные взгляды, можно сделать вывод, что учёные рассматривают денежный доход и инновацию как неотъемлемую часть предпринимательства, а увеличение прибыли или получение максимума дохода является исключительной целью предпринимательской деятельности.

На наш взгляд, предпринимательство – это основанный на риске самостоятельный экономически активный процесс, целью которого является систематическое получение прибыли и приумножение личного благосостояния на основе удовлетворения потребительского спроса. Предприниматель – это в первую очередь организатор, владелец и деятель собственного экономически выгодного дела, обладающий способностями анализировать рынок и идти на риск с целью получения прибыли на законных основаниях [2-А].

2. В малом предпринимательстве предприниматель является ключевой фигурой процесса ведения хозяйственной деятельности, являясь одновременно и руководителем, и фактически исполнителем. В среднем предпринимательстве функции предпринимателя становятся намного шире, масштабы его деятельности охватывают большее количество людей, и наряду с ним могут быть задействованы уже несколько исполнителей. По существу, в основном с эволюционной точки зрения появление среднего предпринимательства зависит от устойчивого развития малого [3-А].

3. Изучение и принятие опыта развития малого и среднего предпринимательства зарубежных стран является одним из факторов обеспечения плавного перехода страны к устойчивому экономическому развитию. В этой связи считаем, что в целях совершенствования государственной политики поддержки малого и среднего предпринимательства можно использовать опыт стран Центральной и Восточной Европы. Таджикистан имеет немало возможностей, чтобы детально изучить и оценить чужие ошибки на пути продвижения структурных реформ и создания институтов рыночной экономики в целях обеспечения государственного развития и тем самым избежать собственных ошибок [11-А].

4. Проведённый в диссертации анализ состояния малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан показал, что, несмотря на все принимаемые государством меры и положительную тенденцию увеличения количества субъектов малого и среднего предпринимательства уровень его влияния на экономическое развитие страны является все ещё недостаточным. При должной государственной поддержке ключевую роль в реализации имеющихся

планов и программ экономического развития может сыграть именно малое и среднее предпринимательство, если будут созданы реальные условия для его развития со стороны государства. Нужно создавать такие условия, в рамках которых всё большее количество незанятого населения сможет открывать и развивать свой бизнес, а это в свою очередь приведёт к росту спроса на произведённую продукцию со стороны домохозяйств и окажет заметное воздействие на устойчивое развитие национальной экономики [6-А].

5. Исследование основных барьеров развития малого и среднего предпринимательства, а также проведённый нами опрос среди представителей малого и среднего предпринимательства, представленных в диаграмме 2.2.3, наглядно показывает весь набор существующих препятствий для ведения бизнеса в Таджикистане. Частный сектор все ещё сталкивается с множеством проблем, которые тормозят его развитие. В рейтинге глобальной конкурентоспособности Всемирного экономического форума – 2021 Таджикистан занимает 104-е место среди 141 стран, а в рейтинге стран экономической свободы – 2022 Таджикистан занимает 148-е место с индексом 49.7 по уровню благоприятности экономической среды. Также по рейтингу лёгкости ведения бизнеса, представленному Всемирным банком, Таджикистану отведено 106-е место, что является самым низким результатом среди стран СНГ [10-А].

Такие результаты объясняются слаборазвитой и сложной деловой средой, для достижения и поддержания высоких темпов Таджикистану нужна новая модель роста, в которой приоритет будет отдан участию малого и среднего предпринимательства, так как конкурентоспособный частный сектор станет предпосылкой будущего устойчивого экономического развития [10-А].

6. Совершенствование механизма государственной поддержки субъектов малого и среднего предпринимательства является нелёгкой задачей: недостаточно одного лишь принятия программ государственной поддержки, нужно также выработать действующий механизм, который включает в себя ключевые элементы поддержки даже в самых отдалённых регионах страны. Отсутствие единого механизма государственной поддержки не может стимулировать устойчивое развитие субъектов малого и среднего предпринимательства [8-А].

7. В нынешних условиях мирового финансово-экономического кризиса и постоянно меняющегося экономического климата, необходимо ведущую роль отвести малому и среднему предпринимательству, как основному источнику, создающему рабочие места и оживляющему экономику. Нужна поддержка в становлении и развитии тех малых компаний, которые обладают необходимым потенциалом роста для перехода к среднему предпринимательству и превращения данных хозяйствующих субъектов в источники преобразования экономики. Только в том случае, когда поддержка государства будет опираться на выстроенную концепцию из последующих равномерных мер поддержки и действий с конкретно подкреплёнными материально-техническими и информационно аналитическими работами, можно будет надеяться на положительный результат развития малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [6-А].

***Б) Рекомендации по практическому использованию результатов***

1. Государство, как социальный институт, играет исключительную роль в развитии предпринимательства, и выражается это, прежде всего, принятием соответствующих законов и нормативно-правовых актов, регулирующих предпринимательскую деятельность. Через правовой механизм государство может создать необходимое правовое поле для устойчивого развития малого и среднего предпринимательства. Оставаясь небольшими по размерам, малые и средние компании с помощью государства могут концентрировать свои усилия на производстве продукции, пользующейся ограниченным спросом, или на освоении мелкомасштабных и специализированных рынков товаров и услуг, где крупным производственникам просто невыгодно работать, а для малого и среднего предпринимательства эта ниша будет оптимальным вариантом [4-А].

2. По проведённому нами прогнозу, из общего числа предпринимателей малого и среднего предпринимательства число действующих посредством патента в период 2021-2030 гг. в среднем будет составлять 29%, а ликвидированных – 71%.

Количество предпринимателей, действующих посредством свидетельства, в период 2021-2030 гг. в среднем будет составлять 42%, а ликвидированных – 58%. По нашему прогнозу, число действующих дехканских хозяйств в период 2021-2030 гг. составит в среднем 93%, а ликвидированных – всего 7%.

Среди юридических лиц в период 2021-2030 гг. число действующих будет составлять 59%, а ликвидированных – 41%. Только ежегодный прирост числа индивидуальных предпринимателей, действующих посредством патента, по нашим прогнозам, будет составлять около семи тысяч. Несмотря на положительный прогноз развития предпринимательства, считаем, что количество ежегодно ликвидируемых субъектов малого и среднего предпринимательства всё ещё остаётся на довольно высоком уровне [4-А].

3. Исходя из анализа деятельности малого и среднего предпринимательства и его регионального распределения во всех регионах страны, занятие предпринимательством посредством патента как самый простой вид предпринимательства остаётся наиболее популярным, но и самым уязвимым. При разработке государственных программ поддержки малого и среднего предпринимательства нужно учитывать социально-экономические факторы регионального характера, влияющие на развитие частного сектора. К таким факторам можно отнести территориально-отраслевые особенности, платёжеспособный спрос населения, трудовые ресурсы, климатические условия, уровень безработицы и другие [1-А].

4. Анализ экономических преобразований Республики Таджикистан, где активно формируются рыночные механизмы, предполагает разработку новых подходов в реализации государственной политики в области развития экспорта и вовлечения малого и среднего предпринимательства в цепочку экспортёров. Если в стране более развитая экспортная корзина, то у неё есть хорошие шансы ускорить устойчивый экономический рост, поскольку производство можно сдвинуть к тем видам деятельности, которые обеспечивают работникам более высокую заработную плату. В сущности, страны становятся тем, что они экспортируют; это

означает, что просто производить больший объем одинаковой продукции не может быть плодотворной стратегией [5-А].

5. Нами в работе особо подчёркивается роль молодёжного предпринимательства в экономическом развитии страны. Население Таджикистана является одним из самых молодых в Центральной Азии и в мире в целом. С учетом высоких темпов роста численности молодежи, что в Таджикистане ежегодно в среднем составляет свыше 2%, проблема содействия занятости молодежи приобретает первостепенное значение. В связи с этим, развитие молодежного предпринимательства в Республике Таджикистан должно стать одним из приоритетных направлений политики государства. Из существующих и принятых программ поддержки молодёжного предпринимательства молодёжь, занимающаяся предпринимательством, в основном может рассчитывать на получение консультационной помощи в виде участия в бизнес-семинарах и тренингах, а точечные финансовые и технические поддержки носят единичный характер.

В условиях ежегодного роста численности молодёжи для повышения развития предпринимательских способностей подрастающего поколения необходимо ввести соответствующие учебные программы с целью улучшения знаний подрастающего поколения в сфере предпринимательства, сделать молодых людей экономически грамотными, и подготовить выпускников общеобразовательных школ к самостоятельному ведению предпринимательской деятельности в будущем [7-А].

6. Экспортный потенциал малого и среднего предпринимательства можно развить только при всесторонней государственной поддержке. Государству в целях вовлечения малого и среднего предпринимательства в цепочку экспортёров необходимо развивать финансовые и нефинансовые меры поддержки, такие как льготное кредитование экспортёров, возмещение части затрат по процентам кредита, государственное страхование экспорта, финансовая помощь в выставках и ярмарках. Среди нефинансовых мер государственной поддержки экспорта можно отметить освобождение от налогов и таможенных сборов, создание региональных лизинговых компаний, поощрение национальных экспортёров. Также необходимо принять меры по содействию экспорту путём создания национального клуба экспортёров, региональных центров по экспорту, развития электронной экспортной торговли, что позволит нарастить экспортный потенциал страны и увеличить объем производства товаров внутри страны [6-А].

7. Каждая страна сама выбирает приоритеты своего дальнейшего экономического развития. Всесторонняя государственная поддержка усиливает желание добиваться поставленных целей со стороны предпринимателей, открывать новые горизонты, развиваться. В одиночку, без помощи государства, без стимулирования малого и среднего предпринимательства в условиях бескомпромиссной борьбы и имеющейся конкуренции, большинству предпринимателям при всём желании и готовности будет сложно расти и развиваться. Малому и среднему предпринимательству нужно создать благоприятную среду, в которой предпринимательские риски сведены к минимуму [3-А].

## СПИСОК ПУБЛИКАЦИЙ ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ

### Статьи, опубликованные в рецензируемых изданиях:

[1-А] Муллоев, П.Н. Тенденция развития малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев, М.Ф. Хакимова // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2016. – № 2-5 (208). – С. 123-129. ISSN: 2413-5151.

[2-А] Муллоев, П.Н. Становление и развитие правового регулирования субъектов малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев // Вестник ТГФЭУ. – Душанбе, 2016. – № 3 (7). – С. 128-132. ISSN: 2408-929Х.

[3-А] Муллоев, П.Н. Малое и среднее предпринимательство в Республике Таджикистан: становление и развитие [Текст] / П.Н. Муллоев // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2018. – № 3. – С. 67-73. ISSN: 2413-5151.

[4-А] Муллоев, П.Н. Состояние малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2017. – № 2-7. – С. 63-70. ISSN: 2413-5151

[5-А] Муллоев, П.Н. Региональное развитие малого и среднего предпринимательства: опыт зарубежных стран [Текст] / П.Н. Муллоев // Известия АН РТ. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 119-126. ISSN: 2076-2569.

[6-А] Низамова, Т.Д., Муллоев, П.Н. Основные барьеры развития малого и среднего предпринимательства и пути их преодоления в Республике Таджикистан на современном этапе [Текст] / Т.Д. Низамова, П.Н. Муллоев // Экономика Таджикистана. – Душанбе: ТГУК, 2020. – № 4 (1). – С. 87-96. ISSN: 2310-3957.

[7-А] Муллоев, П.Н. К вопросу формирования условий развития молодёжного предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев // Вестник ТГФЭУ. – Душанбе, 2021. – № 4 (1). – С. 159-165. ISSN: 2408-929Х.

### Статьи в других изданиях:

[8-А] Муллоев, П.Н. Электронная коммерция как средство повышения эффективности функционирования малого и среднего предпринимательства [Текст] / П.Н. Муллоев, М.Ф Хакимова // Материалы Республиканской конференции «Стратегия развития экономики Таджикистана на период 2016-2050 гг., в аспекте молодёжь и информационные технологии в экономике». г. Душанбе, 15 июня 2015 года. – Душанбе, 2015. – С. 72-76.

[9-А] Муллоев, П.Н. Некоторые проблемы налогообложения субъектов малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев // Сборник статей Научно-теоретической конференции преподавателей и студентов ФЭИТ, г. Душанбе, 22-23 апреля 2016 года. – Душанбе, 2016. – С. 154-157.

[10-А] Муллоев, П.Н. Государственная поддержка малого предпринимательства в контексте регионального развития: опыт зарубежных стран [Текст] / П.Н. Муллоев // Материалы научно-практической республиканской конференции – 22 июня 2018 год, «Финансы социального сектора и его влияние на устойчивое развитие регионов Республики

Таджикистан». – г. Душанбе, 2018. – С. 135-141.

[11-А] Муллоев, П.Н. Роль и значение малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев // Сборник статей Научно-теоретической конференции преподавателей и студентов ФЭИТ, г. Душанбе, 27-28 апреля 2018 года. – Душанбе, 2018. – С. 148-150.

[12-А] Муллоев, П.Н. Формирование условий развития молодёжного предпринимательства как фактора социально-экономического развития Республики Таджикистан [Текст] / Т.Д. Низамова, П.Н. Муллоев // Таджикистан. Экономика и управление (экономические науки). – Душанбе: ТНУ, 2020. – № 2. – С. 33-42.

[13-А] Муллоев, П.Н. Развитие электронной коммерции в малом и среднем предпринимательстве [Текст] / П.Н. Муллоев // Материалы Международной научно-практической конференции «Развитие инновационного менеджмента и его роль в применении стратегических целей страны». – г. Душанбе, 2022. – Душанбе, 2022. – С. 75-78.

[14-А] Муллоев, П.Н. Анализ взаимодействия интересов государства и малого и среднего предпринимательства [Текст] / П.Н. Муллоев // Материалы Международной научно-практической конференции, посвящённая «двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» (2020 – 2040 гг.), 28-29 декабря 2022/. Душанбе, 2022. – С. 75-78.

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

СУД 330.15 (575.3) *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МУЛЛОЕВ ПАРВИЗ НЕГМАТДЖАНОВИЧ**

# МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ аз рӯи соҳаҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

**Душанбе-2023**

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба иҷро расонида шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Низомова Тухфамоҳ Давлатовна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Абдуғаффор Рауфӣ,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Султонов Зоиршо Султонович,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии титҷорати Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия рӯзи 29 апрели соли 2023, соати $12^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.ddtt.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “______” _____________соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот** аз он иборат аст, ки яке аз омилҳои муҳимтарини рушди иқтисодии давлат соҳибкории хурду миёна мебошад. Ба андозае, ки соҳибкории хурду миёна рушди самарабахш дошта бошад, ба ҳамон андоза иқтисодиёти давлат босуръат рушд мекунад. Рушди соҳибкории хурду миёна барои ҳалли як қатор масъалаҳо ба монанди бекорӣ, камбизоатӣ, ночиз будани рақобат, вобастагии бозори дохилӣ ба воридот мусоидат менамояд. Аз ҷумлаи бартариҳои назарраси соҳибкории хурду миёна ҳаминро махсус таъкид кардан лозим аст, ки барои ҳар шахс имконият фароҳам меорад, ки мақсаду қобилиятҳо ва идеяҳои худро аз тариқи пешбурди фаъолиятҳои хоҷагидорӣ ва иқтисодие, ки қонунан иҷозат дода шудааст, дар амал татбиқ созад. Дар бунёди иқтисодиёти ба рақобат тобовар маҳз соҳибкории хурду миёна ҳалқаи калидӣ ва асосие мебошад, ки ҳолату сатҳи рушди он инкишофи иқтисодиёти давлатро муайян менамояд.

Масъалаҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Стратегияи миллии рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 ба масъалаҳои авлавияти бештарин дошта тааллуқ доранд. Бо вуҷуди ин таваҷҷуҳ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъияти соҳибкории хурду миёнаро аз ду ҷиҳат тавсиф кардан мумкин аст: аз як тараф ба соҳибкории хурду миёна имтиёзҳо ва субсидияҳои зиёд дода шавад ҳам, аз тарафи дигар, ҳатто дар ҳолати рух додани камтарин зуҳуроти буҳронӣ маҳз шаклҳои соҳибкории хурду миёна таҳти таъсири тамоми оқибатҳои ногувори он қарор мегиранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид кардаанд, ки «…зарур аст, ки фаъолияти худро ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ фаъол гардонида, усулҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна ва ҳунарҳои мардумиро ҷоннок намоем».

Бинобар ҳамин дастур, таҳқиқи механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди соҳибкории хурду миёна, таъмини самарабахшии рушди он дар шароити ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муҳимтарин вазифаҳо ба шумор меравад, ки мубрамияти интихоби ин мавзуи таҳқиқотиро нишон медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асосҳои илмии рушди соҳибкорӣ дар асарҳои олимони классик ба монанди А. Смит, И.А. Шумпетер, Ж.Б. Сей, Р. Кантилион, Ф. Кене, А. Хоскинг, Р. Хизрич, М. Петерс, Ф. Хайек, Ф. Найт, П.Ф. Друкер, Д. Маклеланд, Д. Масси, М. Кассон ва дигарон гузошта шудаанд. Инчунин назарияи рушди соҳибкориро олимони хориҷӣ, аз ҷумла С.М. Ахмедалиев, О.Н. Баширова, С.Г. Петросян, С.С. Сулакшин, Н.В. Ахиярова, А.В. Иванова, П. Качура, М.Е. Кабир ва дигарон дар асарҳои илмии худ мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, инчунин соҳибкории хурду миённа, дар асарҳои илмии олимони ватанӣ А.И. Аминов, А. Рауфӣ, Г. Ҷурабоев, И.С. Донахонов, Ш.М. Исмаилов, Н.Қ. Қаюмов, С.Д. Комилов, М.М. Мадҷонова, Т.Д. Низомова, Ф.С. Обидов, Ҳ.А. Одинаев, Д.С. Пириев, Н.А. Попов, Р.К. Раҷабов, М.З. Раҳимов, Т.Р. Ризоқулов, Л.Ҳ. Саидмуродов, А.А. Солиев, Б.Г. Сафаров,

М.С. Содиқов, К.К. Толибов, Х.У. Умаров, Т.Ҷ. Усмонова, Ҳ.Н. Фақеров, С.Х. Файзуллоев, С.Ҳ. Ҳабибов, П.Д. Хоҷаев, К.Б. Шамсиев, Ф.Р. Шаропов ва дигарон баён ёфтаанд.

Бо вуҷуди ин, таҳқиқи механизмҳои зиёди ташкилӣ-иқтисодии рушди соҳибкории хурду миёна дар замони ҳозира, бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодии давлат, ҳанӯз ҳам нотамом боқӣ мемонад. То ҳол системаи ягонаи ҳамоҳангсозии дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна ба вуҷуд оварда нашудааст. Бештарин таҳқиқотҳои анҷомшуда асосан хислати тавсияи дастгирии соҳибкори хурду миёнаро доранд ва ба мушкилоти рушди ин бахш, инчунин василаҳои механизми дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, диққати камтар равона гардидааст. Ба ҳам омадани аҳамияти назарӣ-татбиқӣ ва низ ба пуррагӣ коркард нагардидани мавзуъ зарурати масъалагузорӣ дар ин боб ва мақсаду вазифаҳои ин таҳқиқотро ба миён овард.

**Алоқамандии таҳқиқот бо барнома (лоиҳаҳо) ё мавзуъҳои илмӣ**. Ин кори диссертатсионӣ дар мувофиқат ба самтҳои авзалиятноки рушди иқтисодии кишвар, аз ҷумла: Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2021-2025, Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳимояи давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, Лоиҳаҳои рушди соҳибкорӣ ва муҳити соҳибкорӣ ва ҳадафҳои дигари рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат аз пайдо намудан, таҳия сохтан ва асоснок кардани механизмҳои ташкилию- иқтисодии рушди соҳибкории хурду миёна дар шароити муосир мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** аз масъалагузорӣ ва марҳила ба марҳила ҳал намудани нуктаҳои зерини илмии назариявӣ ва амалӣ иборат аст:

- дар заминаи мактабҳои асосии иқтисодӣ омӯхтан ва муайян намудани мафҳуму моҳияти фаъолияти соҳибкорӣ;
- мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани вазъият ва тамоюлҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ошкор сохтани монеаҳои асосие, ки дар ҳоли ҳозир ба рушди соҳибкории хурду миёна халал мерасонанд;
- таҳия сохтан ва пешниҳод намудани механизмҳои мукаммали дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна бо мақсади таъмини рушди устувор;
- таҳия сохтан ва пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба мукаммал гардондани дастгирии давлатии рушди соҳибкории ҷавонон;
- муайян намудан ва таҳия сохтани самтҳои асосии рушди соҳибкории хурду миёнаи ба содирот нигаронидашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ фаъолият мекунад.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки рушди самарабахши соҳибкории хурду миёнаро дар шароити иқтисоди бозаргонӣ таъмин

карда ҳамзамон ба рушди устувори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот** иборат аст аз ҷустуҷӯю дарёфт ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани роҳҳои баланд бардоштани нақши соҳибкории хурду миёна дар рушди устувори давлат. Мантиқи таҳқиқот ба таҳқиқи имкониятҳои рушди дар амал тасдиқёфта ва аз ҷиҳати назариявӣ асосноки соҳибкории хурду миёна ва механизмҳои дастгирии давлатии он нигаронида шудааст.

**Асоси назариявии таҳқиқот** иборат аз инкишоф додани назарияи танзими фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва баланд бардоштани нақши он дар рушди устувори иқтисодии давлат мебошад. Муқаррароти асосӣ, натиҷа ва тавсияҳо мумкин аст мавриди истифодаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми асоснок кардан, ташкил ва ба амал баровардани сиёсате қарор гиранд, ки барои дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёна равона мегардад.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз истифода намудани муҳосибаҳои абстрактӣ-мантиқӣ, индуктивӣ ва таҳлилӣ, инчунин сотсиологӣ, иқтисодӣ-оморӣ, графикӣ, муқоисавӣ-ояндабинӣ ва оморӣ- математикӣ иборат мебошанд. Ҳамзамон бар асарҳои бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷие поягузорӣ шудаанд, ки ба соҳаи назария ва амалияи рушди соҳибкории хурду миёна бахшида шудаанд.

**Манбаъҳои иттилоот** қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Санадҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти соҳибкориро дар Ҷумхурии Тоҷикистон танзим мекунанд, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Ҷумхурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз таҳқиқоти таҳлилии Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ва захираҳои интернетӣ. Натиҷаҳои пурсиши намояндагони соҳибкории хурду миёна, усулҳои таҳлили оморию иқтисодӣ низ истифода шуданд.

**Базаи таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисод ба иҷро расонида шудааст.

Навгонии илмии кори диссертатсиониро масъалагузориҳо оид ба рушди соҳибкории хурду миёна ва асоснок кардани нақши он дар рушди иқтисодии давлат муайян менамоянд. Таҳқиқот дар раванди таҳлили илмӣ ва омӯхтани корҳои илмии пешгузаштагон имконияти пешниҳод ва асоснок кардани як қатор натиҷагириҳову пешниҳодҳои моро фароҳам сохтааст, ки барои дифоъ пешкаш мегарданд:

- дар заминаи мактабҳои асосии иқтисодӣ таърифи дақиқи муаллифи рисола оид ба соҳибкорӣ ва соҳибкор дода шудааст, ки иборат аст аз раванди соҳибкорӣ, ки бар раванди фаъолияти мустақилонаи иқтисодии дорои эҳтимоли таваккал (риск) асос ёфтааст ва мақсад аз он ба даст овардани фоида ва баланд бардоштани беҳбудии фардӣ мебошад. Аммо соҳибкор – ин дар навбати аввал ташкилотчӣ, соҳибмулк ва фаъоли касбукори аз назари иқтисодӣ фоидаовар мебошад, ки дорои қобилияти таҳлил намудани бозор ва бо мақсади ба даст овардани фоида дар асосҳои қонун, иқдом ба таваккал (риск) мекунад;

- таҳқиқи ҳолат ва тамоюлҳои рушди соҳибкории хурду миёна ва дар асоси таҳлилҳои оморӣ муайян намудани дурнамои рушди соҳибкории хурду миёна аз шумори корхонаҳои амалкунанда ва дар оянда барҳамхӯранда, инчунин таҳия сохтани модели коррелятсионӣ- регрессионии таъсири корхонаҳои хурд ба динамикаи ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз се муодилаи марҳилавӣ;

- дар ҷараёни таҳқиқу таҳлилҳои пешбурди соҳибкорӣ ва баргузории назарсанҷиҳо дар байни намояндагони соҳибкории хурду миёна ошкор намудани монеаҳои асосие, ки барои рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон халал мерасонанд. Пешниҳод кардани тадбирҳо оид ба такмили дастгирии давлатӣ, ки аз механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъсиргузорӣ ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар шароити ҳозира иборатанд, ки мақсад аз онҳо фароҳам сохтани шароити беҳтар ҷиҳати рушди самарабахши онҳо мебошад. Инчунин таҳия сохтани модели идоракунии рушди устувори соҳибкории хурду миёна новобаста ба хусусияти навъи фаъолияти он.

- муайян намудани вобастагии хусусияти мушкилоти корхонаҳои хурду миёна ба марҳилаҳои инкишофи онҳо ва дар ин асос таҳия сохтани нақшаи ба ҳар кадом марҳила хоси шаклҳои дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурду миёна;

- таҳия сохтан ва пешниҳод намудани тадбирҳо оид ба рушд ва такмил додани соҳибкории ҷавонон дарояндаи дарозмуддат, муайян кардани марҳилаҳои рушди соҳибкорони ҷавон аз рӯи синну сол, инчунин пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба ҷорӣ кардани барномаҳои таълимии махсус дар муассисоти таҳсилоти умумӣ бо мақсади баланд бардоштани донишҳои насли наврас дар соҳаи соҳибкорӣ;

- муайян намудан ва пешниҳод кардани тадбирҳои мушаххаси такмил ва рушд додани механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёнаи ба содирот нигаронидашуда.

Муқарроте, ки барои дифоъ баровaрда мешаванд:

1. дар заминаи мактабҳои асосии иқтисодӣ таърифи дақиқи муаллифи рисола оид ба соҳибкорӣ ва соҳибкор дода шудааст;

2. модели коррелятсионӣ-регрессионии таъсири корхонаҳои хурд ба динамикаи ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз се муодилаи марҳилавӣ таҳия сохта шудааст;

3. дар ҷараёни таҳқиқот бо баргузории назарсанҷиҳо монеаҳои асосие, ки барои рушди соҳибкории хурду миёна халал мерасонанд, ошкор карда шуда, тадбирҳо оид ба фароҳам сохтани шароитҳои мусоид барои рушди самарабахши онҳо пешниҳод гардидаанд;

4. вобастагии хусусияти мушкилоти корхонаҳои хурду миёна ба марҳилаҳои инкишофи онҳо муайян карда шудааст;

5. тадбирҳо оид ба рушд ва такмил додани соҳибкории ҷавонон таҳия шудаанд;

6. самтҳои асосии рушд додани механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёнаи ба содирот нигаронидашуда муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии таҳқиқот** иборат аст аз инкишоф додани назарияи таъмини самарабахши рушди фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади

рушди устувори иқтисодиёти миллӣ. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосӣ дар шакли тавсияҳои мушаххас ифода ёфтаанд, ки онҳоро мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонанд барои такмил додани механизми ташкилӣ-иқтисодии рушду дастгирии соҳибкории хурду миёна истифода баранд. Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки натиҷаву хулосаҳои ба даст овардаи муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳия сохтани пешниҳодҳо оид ба такмил додани барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ мумкин аст истифода гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо равишҳои дурусти методии муҳосибаҳо ҳангоми коркарди маълумотҳои оморӣ, баҳодиҳии дурусти илмии муҳтавои маводҳои мавриди истифода қарор гирифта, мукаммал будани таҳқиқот, инчунин дар нашрияҳои илмӣ интишор шудани мақолаҳои муаллиф тасдиқ меёбад.

**Мувофиқат намудани кори диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 08 00 06 – иқтисод ва идораи соҳаҳои фаъолият (08 00 06 06 – иқтисоди соҳибкорӣ) мувофиқат мекунад. 5. Таҳқиқи соҳибкорӣ дар якҷоягии ҷузъҳои асосии он: фардӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ. 6. Ба вуҷуд овардан ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: ташкилию ҳуқуқӣ мутобиқ бо миқёси фаъолияти соҳибкорӣ. 8. Танзими давлатӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ. 15.Ташаккул ва инкишоф додани муҳити мусоиди соҳибкорӣ. 16. Ташвиқи навъҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ. 24. Соҳибкории инфиродӣ ва таъмини рушди он. 25. Соҳибкории хурд ва самтҳои ба танзими давлатӣ даровардани он.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ.** Ҳамаи марҳилаҳои ба амал баровардани нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф, аз ҷумла муайян намудани мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ҷустуҷӯи манбаъҳои иттилоот, интихоби объект ва предмети таҳқиқот анҷом дода шудаанд. Муқарраротӣ назариявӣ ва методӣ, тавсия ва натиҷагириҳои дар диссертатсия воридшуда натиҷаи меҳнати мустақилонаи муаллифи таҳқиқот мебошанд.

**Озмоиш ва ҷорӣ кардани натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин муқаррароти илмии он дар ҷараёни конференсияҳои илмии байналмилалӣ, дар конференсияҳои ҳарсолаи устодон, аспирантҳо ва донишҷӯёни ДДМИТ гузориш ва аз озмоиш гузаштаанд, инчунин дар нашрияҳои Феҳристи нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи кафедраҳои иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва назарияи иқтисод , инчунин дар шӯрои илмии факултаи иқтисод ва соҳибкорӣ (бизнес)-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

**Маводи чопшуда аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯи маводи диссертатсия 13 кори илмӣ чоп шудааст, аз ҷумла 5,06 ҷ.ч. муаллиф ва 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия медиҳад, интишор ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се бобу нуҳ параграф, хулоса, тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот, рӯйхати

адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 188 саҳифаро ташкил медиҳад, ки 20 ҷадвал, 12 расм, 21 диаграмма ва 4 замимаро дарбар гирифтааст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддимаи** таҳқиқоти диссертатсионӣ мубрамияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани он баррасӣ гардида мақсаду вазифаҳо ва навгонии илмии он муайян ва аҳамияти назариву амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст.

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории хурду миёна»** дидгоҳҳои назариявии муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба моҳият ва мафҳуми соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Вале бо вуҷуди асарҳои назариявӣ ва корҳои таҳқиқотии зиёди назариявӣ оид ба соҳибкорӣ таърифи ягона ва аз тарафи умум пазируфташуда то ҳол вуҷуд надорад. П.Ф. Друкер – иқтисоддони машҳури амрикоӣ қайд кардааст: «Аз замоне, ки Сей истилоҳи «соҳибкорӣ» ва «соҳибкор»-ро ба доираи илмӣ ворид кард, солҳои зиёде сипарӣ шудааст, аммо мо ҳанӯз дар таърифи ин мафҳумҳо саргардонем». Иқтисоддон Ҷозеф Шумпетер соҳибкорро ҳамчун инсони навоваре тавсиф кардааст, ки метавонад «эҷодкорона вайрон кунад». Питер Друкер (муаллифи менеҷмент) соҳибкорро ҳамчун шахсе тавсиф кардааст, ки аз имкониятҳо то ҳадди аксар истифода мекунад. Дар робита бо ин, Ҷозеф Масси қайд менамояд, ки «бинобар гуногунии равишҳои омӯзиши соҳибкорӣ чӣ будани соҳибкорӣ ва кӣ будани соҳибкорро муайян кардан душвор аст». Дар навбати худ олимони амрикоӣ Р. Хизрич ва М. Петерс дар асари худ «Соҳибкорӣ, ё чӣ тавр кори худро бояд оғоз кард ва ба муваффақият ноил шуд» чинин таърифро пешниҳод кардаанд: «Соҳибкорӣ ин раванди эҷод кардани чизи наве аст, ки арзише дорад; раванде, ки вақту кӯшишеро талаб мекунад, ки ба дӯш гирифтани масъулияти молиявӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиро дар назар дорад; раванде, ки даромади пулӣ ва қаноатмандии шахсиро барои дастовардҳо меорад».

Олимони ватанӣ аз қабили С.Ҳ. Ҳабибов, Ф.Р. Шаропов, С.Д. Комилов, Т.Д. Низомова, К.Б. Шамсиев, А.И. Аминов, К.К. Толибов ва дигарон низ ҳар кадом ба тарзи гуногун мафҳуми соҳибкорӣ ва соҳибкорро тафсир додаанд. Барои мисол, Ф.Р. Шаропов қайд мекунад, ки «Соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти ташаббускор аз рӯи мавзуи худ бо равиши эҷодкорона ба кор, кӯшиши доимӣ ба навгониҳо, ҷустуҷӯ ва қабули қарорҳои ғайристандартӣ, вусъати майдони фаъолият, омода будан барои ҳар гуна хатар (риск) ва ёфтани воситаҳои паси сар кардани онҳо, фарқ мекунад». Ба ақидаи А.И Аминов: «Соҳибкор ин шахси воқеие аст, ки ба фаъолияти ҳаётан муҳим машғул буда идоракунии фаъолияти мақсадноки иқтисодиро, ки ба истеҳсол ва фурӯши молу хизматрасониҳо алоқаманд аст, анҷом медиҳад».

Бо мавриди таҳлил қарор додани дидгоҳҳои гуногун ва бо дар назар гирифтани таърифҳои дар боло зикргардида, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тафсири муаллифи рисола оид ба соҳибкорӣ ва соҳибкор оварда шудааст, ки аз таърифи зерин иборат аст: соҳибкорӣ ин раванди аз назари иқтисодӣ фаъоли мустақилонаест, ки мақсади он мунтазам ба даст овардани фоида ва афзун гардондани некуаҳволӣ дар асоси қонеъ сохтани талаботи истеъмолӣ мебошад.

Соҳибкор – ин дар навбати аввал ташкилотчӣ, соҳибмулк ва фаъоли кори аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатовари худ аст, ки дорои қобилияти таҳлили бозор ва ба амре, ки эҳтимоли хатар (риск) дорад, бо мақсади ба даст овардани даромади қонунӣ, иқдом менамояд.

Рушд додани соҳибкории хурду миёна ин пеш аз ҳама ба вуҷуд овардани ҷойҳои кории иловагӣ мебошад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши иҷтимоиву иқтисодии соҳибкории хурду миёна мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Самараи асосӣ ва муҳимтарини иҷтимоиву иқтисодии рушди соҳибкории хурду миёна ин коҳиш додани шумораи табақаҳои камбизоати ҷомеа аз тариқи ба кор машғул сохтани доираҳои васеи аҳолии бекори ҷомеа мебошад. Ин амр дорои аҳамияти ҳам иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодӣ аст, зеро ба ин тариқ хароҷоти давлат барои мубориза бо ҷинояткорӣ, ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ кам гардида, рушди беҳтари макроиқтисодӣ таъмин мегардад.

**Ҷадвали 1. - Нақши иҷтимоиву иқтисодии соҳибкории хурду миёна**

| Нақши иҷтимоии соҳибкории хурду миёна | Нақши иқтисодии соҳибкории хурду миёна |
|---|---|
| 1. Боиси дар бозори меҳнат ба вуҷуд овардани ҷойҳои кории нав гардида аз тариқи бунёди ҷойҳои нави корӣ сафи бекоронро кам мекунад.<br>2. Хусусиятҳои иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, миллии минтақаҳои гуногунро ба эътибор мегирад.<br>3. Барои афзоиши даромадҳои иловагии оилаҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии соҳибмулкон мусоидат менамояд.<br>Хизматрасониҳо ва молҳоро ба бозори маҳаллӣ арза медорад. | 1. Ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кори.<br>2. Ҷорӣ намудани молу хизматрасониҳои нав.<br>3. Қонеъ гардондани эҳтиёҷоти ширкатҳои бузург.<br>4. Ғайриинҳисорӣ кардани иқтисодиёт ва инкишофи рақобат.<br>5. Хусусигардонӣ ва бунёди сохторҳои чандири истеҳсолии дорои шаклҳои гуногуни моликият, рушди ташаббусҳои хоҷагидорӣ.<br>6. Таъмин гардондан бо молу хизматрасониҳои махсус.<br>Афзудани истиқлоли иқтисодӣ ва қобилияти пардохтии аҳолӣ. |

**Манбаъ:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Соҳибкории хурду миёна инчунин барои ба амал баровардани вазифаҳои дигари иҷтимоӣ, ба монанди мубориза бо зуҳуроти манфии иҷтимоӣ аз тариқи коҳиш додани ҷинояткорӣ, майпарастӣ, нашъамандӣ мусоидат намуда, барои ба мақсад расонидани шахсони қобилияти ташаббускорӣ ва соҳибкорӣ дошта имкониятҳо фароҳам месозад, ки ба ин васила ба таъмини суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа саҳм мегузорад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ инчунин методҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна бо омӯхтани таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки бо мақсади такмил додани сиёсати давлатии дастгирии соҳибкории хурду миёна давлат метавонад механизмҳои муассиреро бо дар назар гирифтани таҷрибаи кишварҳое аз қабили Чехия - дар истифодаи имтиёзҳои иловагии андозӣ, Венгрия – дар дохил кардани хароҷот ба буҷети давлатӣ ҷиҳати рушди соҳибкории хурду миёна ва ғайра, таҳия созад.

**Дар боби дуюм – «Вазъияти рушди соҳибкории хурду миёна дар ҳоли ҳозир» -** вазъияти рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, омилҳои боздорандаи рушди соҳибкории хурду миёна дар марҳилаи ҳозир, инчунин таъсири муҳити дохилӣ ва беруна ба рушди соҳибкории хурду миёна муайян карда шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоле, ки шумораи соҳибкорони инфиродӣ зиёд мегардад, бештари кулли онҳо дар соҳаи тиҷорат, хӯроки умумӣ ва дигар намудҳои фаъолият машғуланд, ки ин нишондиҳандаи он аст, ки дар Тоҷикистон

соҳибкории хурду миёна бештар дар соҳаи хизматрасониҳо пешрафт кардааст ва доираи мутлақи машғулият ҳамоно тиҷорат мебошад. Агар дар соли 2007 шумораи шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ машғул, 117 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 шумораи онҳо ба 307,8 ҳазор нафар расид, ки ин нишондиҳандаи рушди устувори соҳибкории инфиродӣ мебошад.




**Диаграммаи 1. - Динамикаи шумораи шаҳрвандон, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ машғуланд (аз рӯи иҷозатнома ва патентҳои аз соли 2007 то 2021 додашуда).**
**Манбаъ:** Маълумотҳои маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021-2022 с. 220, 235

Бояд қайд намоем, ки шумораи соҳибкорони бақайдгирифташуда нишондиҳандаи динамикаи афзоиши он нест, ва дар асл, на ҳама вақт вазъи кунуниро, ки вазъ ва раванди фаъолияти соҳибкориро нишон медиҳад, зеро, аксарияти соҳибкорони ба қайд гирифташуда аслан фаъолияти воқеиро иҷро намекунанд.

Аз нуқтаи назари таҳқиқоти анҷомдодашуда нуктаи ҷолиб дар таҳлили соҳибкории хурду миёнаи дар ҳоли ҳозир амалкунанда ва барҳамдодашуда дар мақтаи минтақаҳо мебошад. Барои мисол, дар вилояти Суғд шумораи соҳибкорони ба қайд гирифташуда, ки тибқи патент амал мекунад 128,763 ташкил медиҳанд, ки аз ҷумлаи онҳо 35,666, яъне танҳо 36% соҳибкорон фаъолияткунанда мебошанд. Ҳамин манзараро дар минтақаҳои дигари кишвар низ мушоҳида кардан мумкин аст.




**Диаграммаи 2. - Фаъолияти соҳибкории хурду миёна аз рӯи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021**
**Манбаъ:** муҳосибаҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2022 с., С. - 220-229.

Фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки дар диаграммаи 2 нишон дода шудааст, имкон медиҳад арзёбии аёнии дараҷаи рушди онро дар ҷумҳурӣ мушоҳида кунем. Аз диаграммаи дар боло овардашуда дидан мумкин аст, ки дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз рӯи маълумоти мазкур ба

соҳибкорӣ машғул шудан бо гирифтани патент ҳамчун намуди оддии соҳибкорӣ на фақат аз ҳама маъмул, балки аз ҳама осебпазир низ боқӣ мемонад.

Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоии ташаккулёбии рушди соҳибкории хурду миёна қарор дорад ва барои рушди босуръати он шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҷумлаи шаклҳои хурду миёнаи соҳибкорӣ бояд афзоиши рӯзафзун дошта бошад, то нақши он дар рушди иқтисодиёт назаррас гардад. Аз диаграммаи зерин мо ҳолати рушди соҳибкории хурду миёнаро дар Тоҷикистон барои солҳои 2011-2022 метавонем мушоҳида кунем (ниг. диаграммаи 3).




**Диаграммаи 3. - Динамикаи тағйирёбии рушди СХМ дар давраи солҳои 2011-2021.**
**Манбаъ:** муҳосибаҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2012-2022 с.

Диаграммаи 3 ба мо ҳолати рушди шумораи умумии соҳибкории хурду миёнаи амалкунанда ва барҳамдодашударо дар солҳои 2011-2020 ба хубӣ нишон медиҳад. Хатҳои графикӣ нишон медиҳанд, ки ба соҳибкорӣ машғул шудан бо гирифтани патент ҳамчун намуди оддии соҳибкорӣ на фақат аз ҳама маъмул, балки аз ҳама осебпазир низ боқӣ мемонад. Аз соли 2013 миқдори патентҳои барҳамдодашуда бемайлон рӯ ба афзоиш аст, ки дар соли 2020 фарқи онҳо нисбат ба патентҳои амалкунанда ду маротиба бештар мегардад. Чунин ҳолатро нисбат ба  шаҳодатнома низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз соли 2016 сар карда миқдори шаҳодатномаҳои барҳамдодашуда нисбат ба шаҳодатномаҳои амалкунанда бештар мегардад ва чунин тамоюл то ҳол давом дорад.

Азбаски аксарияти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳотҷойҳо қарор дошта, дар хоҷагии қишлоқ кору фаъолият менамоянд, кишоварзӣ ҳамоно яке аз муҳимтарин бахши иқтисодиёти Тоҷикистон боқӣ мемонад. Бо вуҷуди шумораи хоҷагиҳои деҳқонии барҳам дода шуда, шумораи умумии онҳо дар соли 2021-ум ба 179,413 ташкил медиҳад, ки аз ҷумлаи онҳо хоҷагиҳои деҳқонии амалкунада 167,000 яъне 4,7 маротиба бештар дар муқоиса бо соли 2011 мебошад. Ин аз он

шаҳодат медиҳад, ки соҳибкории кишоварзӣ яке аз намудҳои аз ҳама устувори соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз диаграммаи 3 инчунин ҳолати шахсони ҳуқуқӣ аз ҷумлаи соҳибкорони хурду миёна низ аён мегардад. Агар дар соли 2011 шумораи шахсони ҳуқуқии амалкунанда 28594 ва барҳамдодашуда ҳамагӣ 474 бошад, пас соли 2021 бо ҳамин раванд шахсони ҳуқуқии амалкунанда 35,088 ва шахсони ҳуқуқии аз фаъолият бозмонда 13537-ро ташкил додааст. Як сол пеш бошад шумораи шахсони ҳуқуқии барҳамхӯрда 19583 субъектро ташкил медод.

Аз ин таҳлили маълумотҳо чунин натиҷа бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз фазои мусоиди соҳибкорӣ ба вуҷуд оварда нашудааст ва мушкилоти ба пешбурди соҳибкорӣ халалрасонанда бетаъхир қабул намудани чорабиниҳои муассиреро тақозо менамояд, то ин мушкилотро аз миён бардоранд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлилҳои анҷомдодашуда мо дурнамои рушди соҳибкории хурду миёнаро то соли 2030 бо муайян кардани суръати рушд дар асоси маълумоти мавҷуда, таҳия сохтем.

Вобаста ба суръати тағйирёбии рушди динамикаи нишондиҳандаҳо мо муодилаи радаҳои замониро дар ҳолати баробар будани шароитҳои дигар, бо мақсади эҷоди дурнамои динамикаи соҳибкории хурду миёна дар солҳои минбаъда, истифода намудем. Барои баҳо додан ба нишондиҳандаҳои муодила мо методҳои гуногун, ба монанди бастаи барномаҳои татбиқии MS Excel-ро мавриди истифода қарор додем.

Дар ҳамин асос, ба сифати муодилаи хаттӣ мо функсияҳои зеринро истифода кардем:

$$y = f(x) \quad (1)$$

ки дар ин ҷо $y$ - шумораи умумии субъектҳои СХМ, $x$ - омили замонӣ аст.

Дар натиҷаи таҳлили регрессивӣ натиҷаҳои зерин ба даст омаданд, ки дар ҷадвали 2 нишондода шудаанд.

**Ҷадвали 2.** - Натиҷаҳои муодила

| Нишондиҳандаи вобаста | Шумораи умумии субъектҳои СХМ | | Мушоҳида: 15 | |
|---|---|---|---|---|
| *Ҷамъбандии R* | 0,9925 | *R-квадрати меъёришуда* | 0,9834 | |
| *R-квадрат* | 0,9850 | *Хатои стандартӣ* | 19568 | |
| | *Коэффитсиентҳо* | *Хатои стандартӣ* | *t-оморӣ* | *P-бузургӣ* |
| Y-*нуқтаи бурриш* | 197483,5636 | 12654,2382 | 15,60612029 | 0,00000 |
| t | 45415,02727 | 1865,765634 | 24,34122831 | 0,00000 |

**Манбаъ:** муҳосибаҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истифода аз MS Excel.

Муодилаи 1 нишон медиҳад, ки шумораи умумии субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз ҷумлаи амалкунанда ва барҳамдодашудагон (вобаста ба омили замонӣ) ба ҳисоби миёна 45,4 ҳазорро ташкил медиҳанд. Коэффитсиенти детерминатсия $R^2 = 0.98$ алоқамандии зичи омили замонӣ ва динамикаи рушди соҳибкории хурду миёнаро нишон медиҳад.

Шумораи умумии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва муодилаи бо он ҳисобшуда дар диаграммаи 4 оварда шудааст.




**Диаграммаи 4. - Натиҷаҳои муодилаи шумораи умумии СХМ ва каму зиёдии онҳо**
**Манбаъ:** муҳосибаҳои муаллиф.

Ба ҳисоби фоиз дар ин давраи нишондодашуда, шумораи умумии соҳибкории хурду миёна ҳамасола ба ҳисоби миёна 7,5 фоиз афзудааст, аммо афзоиши он асосан аз ҳисоби рушди устувори хоҷагиҳои деҳқонӣ ба даст омадааст.

Бо истифода аз муодилаи (1), мо дурнамои динамикаи афзоиши шумораи умумии соҳибкории хурду миёнаро дар давраи то соли 2030 пешбинӣ намудем. Бояд қайд кард, ки тамоми намудҳои фаъолиятҳои субъектҳои СХМ дар алоҳидагӣ ва дар таносуб бо шумораи умумии соҳибкории хурду миёна муҳосиба карда шудааст (ҷадвали 3).

| Солҳо | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Маҷмӯи фаъолиятҳо** | 742464 | 787879 | 833294 | 878709 | 924124 | 969539 | 1014954 | 1060369 | 1105784 |
| **Патент / ҳамагӣ** | 396355 | 420599 | 444843 | 469087 | 493332 | 517576 | 541820 | 566064 | 590309 |
| Амалкунанда | 114524 | 121529 | 128535 | 135540 | 142545 | 149550 | 156555 | 163561 | 170566 |
| Барҳамдодашуда | 281831 | 299070 | 316309 | 333548 | 350787 | 368026 | 385265 | 402504 | 419743 |
| **Шаҳодатнома/ҳамагӣ** | 95576 | 101422 | 107268 | 113114 | 118960 | 124807 | 130653 | 136499 | 142345 |
| Амалкунанда | 40251 | 42713 | 45175 | 47637 | 50099 | 52562 | 55024 | 57486 | 59948 |
| Барҳамдодашуда | 55325 | 58709 | 62093 | 65477 | 68861 | 72245 | 75629 | 79013 | 82397 |
| **Хоҷ. деҳқ /ҳамагӣ** | 197112 | 209169 | 221226 | 233282 | 245339 | 257396 | 269453 | 281510 | 293567 |
| Амалкунанда | 183474 | 194697 | 205920 | 217142 | 228365 | 239588 | 250811 | 262033 | 273256 |
| Барҳамдодашуда | 13638 | 14472 | 15306 | 16140 | 16974 | 17808 | 18643 | 19477 | 20311 |
| **Шахс.ҳуқ./ ҳамагӣ** | 53422 | 56689 | 59957 | 63225 | 66493 | 69760 | 73028 | 76296 | 79563 |
| Амалкунанда | 38549 | 40907 | 43265 | 45623 | 47981 | 50339 | 52697 | 55055 | 57413 |
| Барҳамдодашуда | 14872 | 15782 | 16692 | 17602 | 18511 | 19421 | 20331 | 21240 | 22150 |

**Ҷадвали 3. - Ҷадвали муҳосиба ва пешбинии рушди СХМ то соли 2030**
**Манбаъ:** муҳосибаҳои муаллиф.

Дар робита бо ин ва бо мақсади муайян кардани динамикаи вобастагии рушди соҳибкории хурду миёна ба фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳо муҳосибаҳо анҷом дода шуд, ки нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2007-2021 суръати тағйирёбии динамикаи корхонаҳои хурди амалкунанда ба ҳисоби миёна 6% ва даромад аз фурӯши маҳсулот мутаносибан - 7%-ро ташкил медиҳад (диаграммаи 5).




**Диаграммаи 5. - Суръати тағйирёбии динамикаи корхонаҳои хурди амалкунанда ва даромад аз фурӯши маҳсулот 2007-2021**

**Манбаъ:** муҳосибаҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз диаграммаи дар боло овардашуда дидан мумкин аст, ки суръати тағйири /динамика - и корхонаҳои хурди амалкунанда ва даромад аз фурӯши маҳсулот ба ҳам алоқамандии зич доранд.

Дар асоси муҳосибаи мазкур барои пайдо намудани алоқамандии онҳо ва даромади як корхонаи хурди амалкунанда муодилаи зерин истифода гардидааст:

$$S = b * y \quad (2)$$

ки $S$ – даромад аз фурӯши маҳсулот, $y$ – шумораи субъектҳои корхонаҳои хурд, $b$ – коэффитсиенти муодила мебошад.

Дар натиҷаи таҳлили регрессионӣ натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд, ки дар ҷадвали 4 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 4**. - Натиҷаҳои муодилаи (2)

| Нишондиҳандаи вобаста | Даромад аз фурӯши маҳсулот, млн. сомонӣ | | Мушоҳида: 15 | |
|---|---|---|---|---|
| *Ҷамъбандии R* | 0,98357 | *R-квадрати меъёришуда* | 0,8895981 | |
| *R-квадрат* | 0,96741 | *Хатои стандартӣ* | 742,3999 | |
| | *Коэффитсиентҳо* | *Хатои стандартӣ* | *t-оморӣ* | *P-бузургӣ* |
| шумораи умумии субъектҳои корхонаҳои хурд | 0,919321 | 0,045097 | 20,38562 | 0,00000 |

**Манбаъ:** муҳосибаҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истифода аз MS Excel.

Муодилаи 2 нишон медиҳад, ки ҳар сол барои як субъекти соҳибкории хурд, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ дорад, гардиши 919 ҳаз. сомонӣ рост меояд. Коэффтисиенти $R^2$ =0.96 алоқамандии зичи нишондиҳандаҳои дар боло овардашударо нишон медиҳад, инчунин нишондиҳандаҳои дигари оморӣ низ нақши регрессияро дар умум тасдиқ менамоянд.

Аз муодилаи (2) маълум мегардад, ки ҳаҷми даромад дар соҳибкории хурд омили асосии зиёд шудани шумораи корхонаҳои хурд мебошад. Ба иборати дигар, ба ақидаи мо афзоиши даромад имконияти бунёди субъектҳои нави корхонаҳои хурдро фароҳам месозад, ки онҳо дар навбати худ ба рушди иқтисодии давлат, ба вуҷуд овардани ҷойҳои кории нав ва ба ҳаҷми ММД таъсири мусбӣ мерасонанд.

Ҳамин тариқ, бо мақсади муайян намудани таъсири як корхонаи хурди амалкунанда ба ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон муодилаи зеринро истифода бурдан мумкин аст:

$$GDP = b_1 * S + b_2 * GDP_{t-1} + b_3 * t \quad (3)$$

ки $GDP$ – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (млн. сомонӣ), $S$ – даромад аз фурӯши маҳсулот (млн. сомонӣ), $GDP_{t-1}$- маҷмӯи маҳсулоти дохилии соли гузашта (млн. сомонӣ), $t$ – омили замони, $b_1, b_2$ва $b_3$ – коэффитсиенти муодила мебошанд.

Дар натиҷаи таҳлили авторегрессионӣ натиҷаҳои зерин ба даст омаданд, ки дар ҷадвали 5 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 5.** - Натиҷаҳои муодилаи (3)

| Нишондиҳандаи вобаста | ММД аз фурӯши маҳсулот, млн. сомонӣ | | Мушоҳида: 14 | |
|---|---|---|---|---|
| *Ҷамъбандии R* | 0,99937 | *R-квадрати меъёришуда* | 0,907601624 | |
| *R-квадрат* | 0,99874 | *Хатои стандартӣ* | 2222,055528 | |
| | *Коэффитсиентҳо* | *Хатои стандартӣ* | *t-оморӣ* | *P-бузургӣ* |
| S | 0,606022617 | 0,291846326 | 2,076512748 | 0,062070958 |
| $GDP_{t-1}$ | 0,322134124 | 0,624062689 | 0,516188726 | 0,615940106 |
| t | 2524,999587 | 1703,900453 | 1,481893841 | 0,166438689 |

**Манбаъ:** муҳосибаҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истифода аз MS Excel.

Муҳосибаҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи даромади корхонаҳои хурд дар ММД-и кишвар 7,89% - ро ташкил медиҳад. Мувофиқи ҳисобу китоби анҷомшуда тахмин кардан мумкин аст, ки дар ҳоли ба 1 сомонӣ афзоиш ёфтани даромади солона аз фурӯши маҳсулоти субъектҳои амалкунандаи корхонаҳои хурд, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ доранд, ҳаҷми ММД-ро ба ҳисоби миёна ба 0,6 сомонӣ афзоиш медиҳад. Тибқи натиҷаҳои муодилаи (3) коэффитсиенти детерминатсияи $R^2 = 0.99$ ва нишондиҳандаҳои дигари оморӣ аҳамияти таҳлили регрессиониро ба таври умум тасдиқ менамоянд.

Таҳлили рушди соҳибкории хурду миёна бори дигар собит мекунад, ки ин соҳаи муҳим новобаста аз тадбирҳои давлатӣ, то ҳануз асоси рушд ва устувории иқтисодиёт нагардидааст. Сарфи назар аз дурнамои мусбат ба андешаи мо шумораи соҳибкорони хурду миёнаи ҳамасола барҳамхуранда, дар сатҳи хеле баланд боқӣ мемонад.

Дар робита бо ин дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ мо назарсанҷии сотсиологиро аз ҷумлаи соҳибкорон бо мақсади муайян намудани нуқтаи назари онҳо доир ба омилҳои асосие, ки ба фаъолияти онҳо монеъ мешаванд, анҷом додем. Пурсишномаҳо як ҳазор соҳибкоронро аз ҷумлаи соҳибкорони хурду миёна, ки дар сар то сари Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, фаро гирифта буд.




**Диаграммаи 6. - Диаграммаи ҷавобҳои соҳибкорони соҳибкории хурду миёна доир ба омилҳое, ки ба фаъолияти онҳо монеъ мешаванд**

**Манбаъ:** муҳосибаҳои муаллиф дар асоси маълумотҳое, ки аз назарсанҷӣ ба даст омадаанд.

Дар натиҷаи назарсанҷии баргузорнамудаи мо  маълум гашт, ки 17% ё 167 соҳибкори дар назарсанҷӣ иштирокдошта монеаи асосии рушди фаъолияти соҳибкории худ андозбандиро медонанд. Ба фасод/коррупсия/ ҳамчун сарчашмаи мушкилот 15% ё 151 соҳибкори назарсанҷӣ ишора кардаанд. Фоизҳои баланди қарзҳо барои 12% ё 121 соҳибкор мушкилот пеш меовардааст. Ба санҷишҳои аз ҳад зиёди мақомоти назоратии гуногун 11% ё 114 соҳибкор ва ба иҷорапулии баланди биноҳои истифодашаванда 10% ё 98 нафар аз соҳибкорони дар назарсанҷӣ иштирокдошта ишора намуданд.

Натиҷаи ғайричашмдошт барои мо ин буд, ки 18% ё 178 нафар аз соҳибкорони пурсишшуда ишора бар он карданд, ки ҳамаи саволҳои овардашуда дар маҷмӯъ то ин ё он дараҷа барои рушди оҳо мушкили эҷод менамояд. Соҳибкорон аз ҷумлаи  хоҷагиҳои деҳқонӣ низ таваҷҷуҳи худро ба мушкилоти обёрии заминҳои худ ва гаронии нархҳои нуриҳои минералии заруриро ёдоварӣ карданд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки қисми зиёди соҳибкорон танҳо як ё ду мушкилоти ҷиддие надошта, ҷамъи мушкилотҳое доранд, ки ба рушди онҳо таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар рафти назарсанҷӣ ба соҳибкорон дар бораи таъсири пандемияи КОВИД-2019 ба фаъолияти соҳибкориашон, дар бораи Кодекси андоз ва тадбирҳои вобаста ба дастгирие, ки онҳо мехоҳанд, пурсида шуд. Ҷавобҳои соҳибкорон гуногун ва ба тарзи зер буд:




**Диаграммаи 7. - Ҷавобҳои соҳибкорон доир ба таъсири пандемия, Кодекси андоз ва тадбирҳои зарурии дастгирии давлатӣ**




**Диаграммаи 8. – Синну сол, таҳсилот ва таҷрибаи кории соҳибкорони дар соҳибкории хурду миёна фаъолиятдошта**

**Манбаъ:** муҳосибаҳои муаллиф дар асоси маълумотҳое, ки аз назарсанҷӣ ба даст омадаанд.

Дар натиҷаи назарсанҷии анҷом додашуда маълум гардид, ки аксари кулли (83%) соҳибкорони иштирокдошта ба категорияи синнусолии аз ҳама бештар қобилияти корӣ дошта – аз 20 то 50 сола мансубанд. Қисмати боқимондаро

шахсони хурдтар аз 20-сола 2% ва соҳибкорони синнусоли аз 50 то 70 сола 15% ташкил медиҳанд.

Таносуб байни соҳибкорони дар назарсанҷӣ иштирокдошта 76% -мардон ва 24% занон буд. Доир ба соҳаҳои фаъолият чунин натиҷа ба даст омадааст, ки бештар аз нисфи соҳибкорон 74% дар соҳаи тиҷорат ва хизматраониҳо, боқимонда 26% дар соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти гуногуни ниёзи мардум машғул мебошанд.

Шаклҳои соҳибкории хурду миёнаро ҳама гуна тағйиротҳои дар бозори касбии онҳо бавуҷуд омада халалдор менамояд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо аз руи хусусияташон бештарр ба омилҳои беруна вобастаги доранд. Ба ғайр аз ин тағйиротҳои манфии мухити дохилӣ ва беруна, ба фаъолияти онҳо ҳаҷми худи корхона низ таъсир мерасонад: корхона хар кадар хурд бошад, хамон кадар осебпазиртар аст.

Аз ин лиҳоз, давлатро зарур аст, ки шароити муҳити беруниро беҳтар намояд. Муҳити беруна маҷмӯи омилҳои берунии корхонаро дар назар дорад, ки тағирёбии арзишҳои онҳо ба ҳолат ва фаъолияти он ба таври назаррас таъсир мерасонанд. Дар муҳити дохилӣ маҷмӯи тамоми омилҳои дохилие, ки равандҳои ҳаёти субъектҳои хоҷагидориро муайян мекунанд, фаҳмида мешавад. Лекин ба андешаи мо, сифатҳои шахсии худи соҳибкор низ, яъне, тафаккур ва кобилияти ташкилотчигӣ, аз тариқи омили асосии муайянкунандаи рушди фаъолияташ мебошанд.

Дар робита ба ин, бо мақсади бомуваффақият ташкил ва идоракунии омилҳои берунӣ ва дохилии ба рушди худидоракунии соҳибкории хурду миёна таъсир расонанда, мо дар расми 1 модели рушди устувори худидоракуниро пешниҳод намудем, ки раванди ошкорсозии камбудиву норасоиҳои дар идоракунии ҳама гуна шаклҳои ташкилотҳои хурду миён ҷой доштаро, ба тарзи доимӣ ё даврагӣ ба амал мебарорад.




**Расми 1. – Модели интегралии рушди устувори соҳибкории хурду миёна**
**Манбаъ:** Таҳиясохтаи муаллиф

Азбаски ба сифати рушди худидоракунии соҳибкории хурду миёна ҳам омилҳои берунӣ ва ҳам дохилӣ, ки ҷараёни рушди минбаъдаи онро муайян мекунанд, таъсир мерасонад, субъектҳои хоҷагидорӣ метавонанд ҳам динамикаи рушди мусбат ва ҳам манфиро нишон диҳанд. Вобаста аз натиҷаҳои бадастомада, қарорҳои минбаъда барои нигоҳ доштани сифат ё тағир додани стратегияи рушди корхона қабул карда мешаванд.

**Дар боби сеюм – «Самтҳои асосии такмили дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна»** масъалаҳои такмил додани механизми ташкилӣ-ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна мавриди баррасӣ қарор гирифта, тадбирҳои ҷалби ҷавонон ба соҳибкории хурду миёна ва дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёнаи ба содирот нигаронидашуда таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Дар марҳилаи барқарор шудани муносибатҳои бозаргонӣ дастгирии давлатӣ василаи зарурии рушди соҳибкории хурду миёна, баланд бардоштани рақобатпазирии соҳибкории ватанӣ ба ҳисоб меравад. Мунтазам пеш бурдани сиёсати давлатӣ дар соҳаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар шаклҳои гуногун ба амал бароварда мешавад, ки нақши муҳимтаринро дар он қабул намудан ва ба иҷро расонидани қонунгузории махсус дорад.

**Ҷадвали 6. - Санадҳои асосии меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соҳаи фаъолияти соҳибкориро ба танзим медароранд**

| Санадҳои ҳуқуқӣ | Соҳаи танзимнамои |
|---|---|
| **Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон** | Озодии шаҳрвандонро дар интихоби фаъолияти иқтисодӣ ҳамчун кафолатдиҳандаи ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ таъмин месозад |
| **Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон** | Ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии субъектҳои хоҷагидориро ба танзим дароварда, босуботӣ, бехатарӣ, интизому тартиби ба амал баровардани фаъолияти соҳибкориро таъмин менамояд |
| **Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон** | Муносибатҳои ба андозбандӣ алоқамандро ба танзим дароварда, принсипҳо ва тарзи амали андозбандиро дар соҳаи соҳибкорӣ муқаррар мекунад |
| **Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон** | Меъёрҳо, қоидаҳо ва тартиботи содироту воридоти молу хизматрасониҳоро таҳти назорат гирифта барои ташвиқи фаъолияти содиротии субъектҳои соҳибкорӣ хизмат мекунад |
| **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ»** | Асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии бунёди субъектҳои хоҷагидори ва амали онҳоро дар Минтақаи озоди иқтисодӣ бо мақсади зиёд кардани ҳавасмандию тавсеаи иқтидорҳои истеҳсолӣ, инноватсионӣ ва содиротии соҳибкорӣ муайян менамояд |
| **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои молӣ»** | Муносибатҳоеро, ки бо фаъолиятҳои инҳисорталабӣ ва рақобати беинсофона дар бозорҳо алқамандӣ доранд, бо мақсади ба вуҷуд овардани шароити фаъолияти самарабахши сохторҳои соҳибкорӣ, ба танзим медарорад |
| **Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Оид ба бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»** | Муносибатҳоеро, ки ҳангоми бақайдгирии давлатӣ, таъсис додан, бозсозӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳо ва соҳибкорони инфиродӣ ба вуҷуд меоянд, ба танзим медарорад |
| **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳимояи давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ»** | Муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки ба ҳимояи давлатӣ, дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ инчунин шаклҳои асосӣ ва методҳои кафолатдиҳии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ алоқамандӣ доранд, таъмин менамояд |

**Манбаъ:** Таҳиясохтаи муаллиф

Бояд қайд кард, ки барои рушди соҳибкории хурду миёна танҳо ба вуҷуд овардани заминаи қонунгузорӣ кифоя нест, балки зарур аст, ки дастгирии комплексии давлатии он бо дар назар гирифтани фаъолияти рӯзмарраи корхона, рушд дода шавад.

Азбаски соҳибкории хурду миёна ҳамеша ба дастгирии давлатӣ эҳтиёҷманд аст, зарур аст, ки раванди рушди соҳибкорӣ ҳамчун як сикли ягона баррасӣ гардад. Дар робита бо ин, мо пешниҳод дорем, ки корхонаҳои хурду миёна ба се категория, вобаста ба марҳилаҳои рушдашон, ҷудо карда шаванд:

**Якум** – соҳибкорони навкор, ки хоҳиши машғул шудан ба соҳибкориро доранд, аммо таҷрибаи зарурӣ ва захираҳои лозимро надоранд;

**Дуюм** – соҳибкорони дар ҳоли рушд, бештар аз се сол фаъолият доранд, аммо таҷрибаи андухтаашон барои беҳбуд бахшидан ё рушд додани соҳибкории худ кофӣ нест;

**Сеюм** – Соҳибкорони бо муваффақият фаъолиятдошта, ки дар бозор бештар аз панҷ сол мунтазам амал мекунанд, эътибори соҳибкории хуб ва таърихномаи қарзӣ доранд, инчунин дар банк бо қарзҳои кофӣ таъмин мебошанд.




**Расми 2. – Тадбирҳои дастгирии давлатӣ мутобиқ бо категорияҳои СХМ аз рӯи марҳилаҳои рушди онҳо**

**Манбаъ:** Таҳиясохтаи муаллиф.

Тадбирҳои дастгирии давлатӣ аз рӯи марҳилаҳои сикли ҳаётии соҳибкории хурду миёна, ки дар боло пешниҳод намудаем, имконият фароҳам меорад, ки сикли фаъолияти гурӯҳи интихобгардидаи корхонаҳо бо самарабахшии ҳарчи бештар ба нақша гирифта шавад. Вобаста ба сикли ҳаётӣ барои соҳибкории хурду миёна шаклу методҳои гуногуни дастгирии давлатӣ зарур аст, ки ба тарзи намуна дар расми боло инъикос намудаем.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф ба масъалаҳои ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ диққати махсус медиҳад. Дар ҳоли ҳозир аҳолии Тоҷикистон 10 млн нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 35% шаҳрвандони то синни 14-сола ҳастанд, ки ин раванд аҳолии ҷумҳурии моро яке аз ҳама ҷавонтар

дар Осиёи Марказӣ нишон медиҳад. Бо дар назар гирифтани суръати рушди солонаи насли ҷавон, ки бештар аз 2% -ро ташкил медиҳад, масъалаи ба кор фаро гирифтани ҷавонон аҳамияти аввалиндараҷаро касб кардааст. Бинобар ин рушд ва дастгирии соҳибкории ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти асосӣ ва муҳимтарини сиёсати давлат мегардад.

Вусъати самарабахши шуғли аҳолӣ дар СРМ Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ҳамчун яке аз мақсадҳои муҳимтарини стратегӣ муайян карда шудааст. Сабаби чунин масъалагузорӣ ин аст, ки рушди захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоби миёна аз соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солона 2,3% , аммо сатҳи рушди солонаи шумораи ба кор машғули аҳолӣ ба ҳисоби миёна 1,01%-ро ташкил медиҳад. Дар робита бо ин, рушд додани соҳибкории ҷавонон метавонад ба хеле беҳтар кардани вазъияти шуғли аҳолӣ мусоидат намояд.




**Диаграммаи 9. - Нишондиҳандаҳои асосии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2010-2021.**

**Манбаъ**: Маҷмуаи солонаи омории солҳои 2016-2022 – С. 27-25.

Бо дар назардошти он, ки дар Паёми худ ба Парламент Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040-ро «Бист соли омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзиёт»[3] эълон намуданд, барои инкишофи бештари қобилиятҳои насли наврас ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ворид кардани фанҳои зерин зарур аст:

-Асосҳои фарҳанги иқтисодӣ – барои хонандагони синфҳои 4-6;

-Банақшагирии соҳибкорӣ - барои хонандагони синфҳои 7-9;

-Асосҳои соҳибкорӣ - барои хонандагони синфҳои 10-11.

Инчунин таҳия сохтани адабиёти таълимию методӣ ва барномаҳои тайёр кардани муаллимон барои самтҳои мазкур;

-Ташкил намудани бизнес-инкубаторҳои мактабӣ;

-Баргузор намудани олимпиадаҳо дар мавзӯи фаъолияти соҳибкорӣ;

-Ҷалб кардани соҳибкорони муваффақи ватанӣ барои гузаронидани дарсу лексияҳои кушод дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

Вобаста аз ин, ба ақидаи мо барои ҳарчи бештар ба фаъолияти соҳибкорӣ ҷалб кардани насли ҷавон ба воситаи дастгирии ҳадафманди давлатӣ, лозим аст,

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019. [Манбаи электронӣ] – Тарзи дастрасӣ: http://today.tj/prezident/35508-html (дата обращения 27.12.2019)

ки марҳилаҳои рушди соҳибкорони ҷавон ба се гурӯҳ аз рӯи категорияҳои синнусолӣ тақсим карда шаванд.




**Расми 3.- Марҳилаҳои ташаккулёбии рушди соҳибкорони ҷавон аз рӯи гурӯҳҳои синнусолӣ.**

**Манбаъ:** Таҳиясохтаи муаллиф.

Ҳамчунин яке аз роҳҳои мусоиди рушди соҳибкории хурду миёна ба доираи содиркунандагон ҷалб сохтани ширкатҳои хурду миёна мебошад. Дар расми 4 мо тадбирҳои дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёнаи ба содирот нигаронидашударо пешниҳод кардаем, ки иборат аз дастгирии молиявии бевосита, ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолоти содиротӣ, инчунин тадбирҳои бавоситаи ба содирот мусоидаткунанда ва фароҳамсозандаи муҳити муносиби пешбурди фаъолияти онҳо мебошанд.




**Расми 4. - Тадбирҳои дастгирии давлатии СХМ ба содирот нигаронидашуда**

**Манбаъ:** Таҳиясохтаи муаллиф

Тадбирҳои пешниҳоднамудаи мо оид ба дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёнаи ба содирот нигаронидашуда метавонанд барои рушди босуръати содирот дар кишвар, инчунин баланд бардоштани рейтинги Тоҷикистон дар арсаи тиҷорати байналмилалӣ мусоидат кунанд.

Дар қатори тадбирҳои пешниҳодшудаи дигар диққати махсус бояд ба инкишофи тиҷорати содиротии электронӣ равона карда шавад. Дар асри техникаву технология рушди ин самт аз вазифаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи мо барои рушди бомуваффақияти иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки ба бунёд намудану рушд додани майдонҳои махсусгардонидашудаи тиҷоратии электронии содирот, ки мансуб ба соҳибкории хурду миёна бошанд, таваҷҷуҳи хос равона гардад.




**Расми 5.- Бартариҳои асосии тиҷорати электронии содироти**

**Манбаъ**: Таҳиясохтаи муаллиф

Бо мақсади ҳарчи бештар ҷалб кардани соҳибкории хурду миёна ба майдончаҳои тиҷорати электронӣ ва инкишоф додани содирот аз тариқи интернет баргузор намудани семинарҳо оид ба содирот ва курсҳои омӯзишӣ дар мавзӯи «онлайн-содирот» зарур аст. Дар курсҳо коршиносон бояд ба соҳибкороне, ки хоҳиши машғул шудан ба содироти электронро доранд, барои ёфтани муштариҳо ва устувор гардидан дар майдончаҳои тиҷоратӣ кӯмак расонанд. Рушди тиҷорати содиротии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад инчунин сатҳи самаранокии харидҳоро аз ҳисоби сарфи назар кардан аз миёнаравҳо, ба тарзи қобили мулоҳиза баланд бардорад. Барои ин Тоҷикистонро зарур аст, ки сифати дастрасӣ ба интернет-ро беҳтар гардонад. Дар рейтинги таҷдидшудаи Speedtest Global Index аз рӯи суръати интернет Тоҷикистон аз маҷмӯи 141 кишвари ҷаҳон дар январи соли 2022 ҷои 137-умро ишғол намудааст. Дар Тоҷикистон аз рӯи муҳосибаҳои Speedtest, суръати алоқаи собити навори васеъ ба ҳисоби миёна 21,1 мегабит дар як сония буда, суръати интернети мобилӣ бошад, аз он ҳам камтар – 8,55 мегабитро ташкил медиҳад.

Интернет на танҳо манбаи иттилоот, балки василаи самарабахши хариду фурӯш низ ҳаст. Корхонаҳои хориҷӣ, намояндагони соҳибкории хурду миёна аз он истифодаи фаровон мебаранд, аз тариқи он маҳсулоту хизматрасониҳоро ба кишварҳои гуногуни ҷаҳон интиқол медиҳанд. Рушди тиҷорати электронӣ ба сифат ва дастрасии интернет алоқамандии бевосита дорад. Ба соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон зарур аст, ки тиҷорати электрониро на танҳо барои соҳаи содирот, балки дар фаъолияти ҳаррӯзаашон ва барои пешниҳоди молу хизматрасониҳои худ аз тариқи интернет рушду инкишоф диҳанд.

# ХУЛОСА

## *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

Дар асоси таҳқиқи консепсияҳои мухталифи анҷом додашуда оид ба рушди соҳибкории хурду миёна ва таҳлили маводи ҳақиқӣ ҷиҳати асоснок кардани нақши соҳибкории хурду миёна дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ имконият фароҳам овард, ки як қатор натиҷагириҳои назариявии ҷамъбастӣ ва тавсияҳои амалӣ дар нуктаҳои зер ба тарзи хулоса ифода ёбад:

1. Таҳқиқи равишҳо ба масъалаи таърифи мафҳуми соҳибкорӣ ва соҳибкор ва дарки моҳияти ин истилоҳ то имрӯз дучори чанде тағйирот гардидааст. Бо мавриди таҳлил қарор додани дидгоҳҳои мухталиф ба ин масъала ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муҳаққиқон даромади пулӣ ва инноватсияро унсури асосии соҳибкорӣ ва афзун гардондани фоида ё ба ҳадди аксар расондани даромадро мақсади истисноии фаъолияти соҳибкорӣ эътироф кардаанд.

Ба ақидаи мо соҳибкорӣ ин раванди бар эҳтимоли хатар асосёфта ва аз назари иқтисодӣ фаъоли мустақилонаест, ки мақсади он мунтазам ба даст овардани фоида ва афзун гардондани некуаҳволӣ дар асоси қонеъ сохтани талаботи истеъмолӣ мебошад. Соҳибкор – ин дар навбати аввал ташкилотчӣ, соҳибмулк ва фаъоли кори аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатовари худ аст, ки дорои қобилияти таҳлили бозор ва ба амре, ки эҳтимоли хатар (риск) дорад, бо мақсади ба даст овардани даромади қонунӣ, иқдом менамояд [2-М].

2. Дар соҳибкории хурд соҳибкор шахсияти калидии раванди пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳамзамон роҳбар ва иҷрокунандаи амалии он мебошад. Дар соҳибкории миёна вазифаҳои соҳибкор бештар мегардад ва миқёси фаъолияти ӯ шумораи бештари одамонро фаро мегирад ва мумкин аст чанд нафари дигар ҳам иҷрокунанда бошанд. Аз рӯи моҳият агар назар андохта шавад, зуҳур ёфтани соҳибкории миёна ба рушди устувори соҳибкории хурд вобастагӣ дорад [3-М].

3. Омӯхтан ва қабул намудани таҷрибаи рушди соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои хориҷӣ яке аз омилҳои ҳамвор гузаштан ба рушди устувори иқтисодӣ ба шумор меравад. Дар робита бо ин ва бо мақсади такмил додани сиёсати давлатии дастгирии соҳибкории хурду миёна ба андешаи мо, аз таҷрибаи кишварҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ истифода бурдан мумкин аст. Тоҷикистон имкониятҳои зиёде дорад, ки хатоҳои дигаронро бо диққати тамом омӯзад ва ҳангоми баргузор намудани ислоҳоти сохторӣ ва бунёди ниҳодҳои иқтисоди бозаргонӣ бо мақсади таъмини рушди иқтисодиёти давлат, он хатоҳоро арзёбӣ намуда, худ аз хатоҳо ҷилавгарӣ кунад [11-М].

4. Таҳлили дар диссертатсия анҷомдодашудаи вазъияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бо вуҷуди тамоми он тадбирҳое, ки давлат меандешад ва тамоюли мусбати шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар ҷумҳурӣ, сатҳи таъсиргузории он ба рушди иқтисодии кишвар ҳанӯз нокифоя аст. Дар ҳоли дастгирии бояду шояди давлатӣ маҳз соҳибкории хурду миёна метавонад нақши калидӣ дар татбиқ намудани нақшаву барномаҳои рушди иқтисодӣ дошта бошад, ба шарте ки шароити воқеии рушди он аз тарафи давлат фароҳам сохта шавад. Чунин шароите бояд фароҳам

оварда шавад, ки дар доираи он шумораи ҳарчи бештари аҳолии ба шуғл фаро гирифта нашуда тавонад бизнеси худро кушода, инкишоф диҳад. Ин амр дар навбати худ боиси зиёд гардидан талабот ба маҳсулоти аз тарафи хонаводвҳо истеҳсолшуда мешавад ва ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири назаррас мерасонад [6-М].

5. Таҳқиқу омӯзиши монеаҳои асосии рушди соҳибкории хурду миёна, инчунин назарсанҷии аз тарафи мо дар байни намояндагони соҳибкории хурду миёна анҷомдодашуда, ки дар диаграммаи 2.2.3, оварда шудааст, монеаҳои мавҷударо барои пешбурди бизнес дар Тоҷикистон бо аёнияти тамом нишон медиҳад. Бахши хусусӣ ҳанӯз бо мушкилоти зиёде, ки рушди онро бозмедоранд, рӯбарӯ мешавад. Дар рейтинги ҷаҳонии қобилияти рақобатпазирии Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ – 2021 Тоҷикистон дар байни 141 кишвар мавқеи 104-ум, ва дар рейтинги кишварҳои иқтисоди озоди соли 2022 Тоҷикистон бо индекси 49.7 сатҳи мусоид будани муҳити иқтисодӣ дар ҷои 148-ум қарор гирифт. Ҳамчунин дар боби осонии пешбурди бизнес, ки Бонки ҷаҳонӣ пешниҳод намудааст, ба Тоҷикистон ҷои 106-ум дода шудааст, ки ин натиҷаи аз ҳама камтарин дар байни кишварҳои ИДМ мебошад. Чунин натиҷаҳо нишондиҳандаи рушди нокофӣ ва муҳити касбу кори мураккаб аст, барои ноил гардидан ба суръатии баланди рушд ва ҳифзи он барои Тоҷикистон модели нави рушд зарур аст, ки дар он бартарӣ ба иштироки соҳибкории хурду миёна дода шавад, зеро маҳз бахши хусусӣ метавонад заминаи рушди устувори иқтисодӣ дар оянда гардад [10-М].

6. Такмил додани механизми дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз вазифаҳои осон нест, танҳо қабул намудани барномаҳои дастгирии давлатӣ кифоят намекунад, таҳия сохтани механизмҳои амалие зарур аст, ки унсурҳои асосии дастгириро ҳатто дар дуртарин минтақаҳои кишвар дарбар гирад. Набудани механизми ягонаи дастгирии давлатӣ наметавонад рушди устувори субъектҳои соҳибкории хурду миёнаро ҳавасманд гардонад [8-М].

7. Дар шароити ҳозираи буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ва тағйири доимии фазои иқтисодӣ зарур аст, ки ба соҳибкории хурду миёна ҳамчун манбаи асосии ба вуҷуд оварандаи ҷойҳои корӣ ва эҳёкунандаи иқтисодиёт нақши пешбаранда дода шавад. Ҳамон ширкатҳои хурде, ки дорои иқтидорҳои зарурии рушд барои гузаштан ба соҳибкории миёна ҳастанд ва ин субъектҳои хоҷагидориро ба манбаи дигаргуниҳои иқтисодӣ табдил медиҳанд, дар пойдорӣ ва рушд бояд дастгирӣ ёбанд. Танҳо дар ҳоле ба натиҷаҳои мусбати рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон умед бастан мумкин мегардад, ки дастгирии давлат ба консепсияе такя дошта бошад, ки дар он тадбирҳои минбаъдаи баробари дастгирӣ ва анҷоми амалҳои мушаххаси ҳамроҳ бо корҳои моддию техникӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар назар гирифта шуда бошанд [6-М].

***Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот***

1. Давлат ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар рушди соҳибкорӣ нақши истисноӣ адо мекунад, ки ин пеш аз ҳама дар қабул кардани қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдоре ифода меёбад, ки фаъолияти соҳибкориро ба танзим

медароранд. Аз тариқи механизми ҳуқуқӣ давлат метавонад майдони ҳуқуқии заруриро барои рушди устувори соҳибкории хурду миёна фароҳам созад. Бо вуҷуди ҳаҷман хурд будан, ширкатҳои хурду миёна бо дастгирии давлат метавонанд имкониятҳои худро барои истеҳсоли маҳсулоте мутамарказ созанд, ки дорои талаботи маҳдуд мебошанд ва ё ба бозорҳои ҳаҷман хурд ва махсусгардонидаи молу хизматрасониҳое роҳ ёбанд, ки истеҳсолкунандагони бузург барои худ судманд намешуморанд, дар ҳоле ки барои соҳибкории хурду миёна ин маҷол мавриди қабулу муносиб мебошад [4-М].

2. Аз рӯи дурнамое, ки мо таҳқиқ намудаем, аз шумораи умумии соҳибкории хурду миёнаи бо патент дар давраи солҳои 2021-2030 амалкунанда 29% ва барҳамдодашуда 71%-ро ташкил хоҳад дод. Соҳибкорони бо шаҳодатнома амалкунанда дар ин давраи солҳои 2021-2030 42% ва барҳамдодашуда 58%-ро ташкил медиҳанд. Мутобиқи маълумотҳои дурнамо хоҷагиҳои деҳқонии амалкунанда дар дар давраи солҳои 2021-2030 93% ва барҳамдодашуда ҳамагӣ 7%-ро ташкил хоҳанд дод. Дар давраи солҳои 2021-2030 шахсони ҳуқуқии амалкунанда 59%, аммо барҳамдодашуда 41%-ро ташкил медиҳанд. Аз рӯи дурнамои тартибдодаи мо афзоиши солонаи шахсоне, ки бо патент фаъолият мекунанд тақрибан 7 ҳазор соҳибкори инфиродӣ хоҳад буд. Сарфи назар аз дурнамои мусбати рушди соҳибкорӣ, ба ақидаи мо, микдори ҳар сол барҳам додашавандаи соҳибкории хурду миёна ҳанӯз зиёд боқӣ мемонад [4-М].

3. Бо дар назар гирифтани таҳлилҳои анҷомдодашудаи фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва интишори он дар тамоми минтақаҳои кишвар, ба соҳибкорӣ машғул шудан бо гирифтани патент ҳамчун содатарин ва маъмултарин намуди соҳибкорӣ ва дар айни замон аз ҳама осебпазиртар боқӣ мемонад. Дар робита бо ин, ҳангоми таҳия сохтани барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкории хурду миёна бояд омилҳои иҷтимоиву иқтисодии хусусияти минтақавӣ дошта, ки ба рушди бахши хусусӣ таъсир мерасонанд, ба назари эътибор гирифта шаванд. Ба чунин омилҳо хусусиятҳои минтақавӣ-соҳавӣ, қобилияти пардохтии аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, шароити иқлимӣ, сатҳи бекорӣ ва ғайра мансуб мебошанд [1-М].

4. Таҳлили дигаргунсозиҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он механизмҳои бозаргонӣ ташаккул меёбанд, таҳия сохтани равишҳои нав дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди содирот ва ҷалби соҳибкории хурду миёнаро ба доираи содиркунандагон, тақозо мекунад. Агар кишвар имкониятҳои хуби содиротӣ дошта бошад, он гоҳ суръат бахшидан ба рушди устувори иқтисодӣ дар он муяссар мегардад, зеро дар ин ҳол истеҳсолотро ба ҳамон намудҳои фаъолият метавон равона намуд, ки дар он ба коргарон музди нисбатан бештар пардохт мегардад. Моҳиятан, ҳар кишвар бо он чи содир мекунад, ба пешрафт мерасад, ин ба он маънӣ аст, ки танҳо истеҳсол намудани ҳаҷми бузурги як хели маҳсулот наметавонад стратегияи самарабахш ба ҳисоб равад [5-М].

5. Дар кори таҳқиқотии мо нақши соҳибкории ҷавонон дар рушди иқтисодии кишвар махсус қайд карда мешавад. Аҳолии Тоҷикистон яке аз ҷавонтарин аҳолӣ дар Осиёи Марказӣ ва ҳатто дар ҷаҳон мебошад. Бо дар назар гирифтани суръати баланди афзоиши шумораи ҷавонон, ки дар Тоҷикистон ҳар сол ба ҳисоби миёна бештар аз 2%-ро ташкил медиҳад, мусоидат барои ба кор ҷалб кардани ҷавонон

аҳамияти аввалиндарача касб менамояд. Дар робита бо ин, чунин мешуморем, ки рушди соҳибкории ҷавонон бояд яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат қарор дода шавад. Аз маҷмӯи барномаҳои мавҷудаи дастгирии соҳибкории ҷавонон, ҷавононе, ки ба соҳибкорӣ машғуланд, танҳо ба гирифтани ёрмандиҳои машваратӣ дар шакли иштирок дар бизнес-семинарҳо ва тренингҳо метавонанд умед банданд, зеро дастгириҳои ҳадафманди молиявию техникӣ хеле кам воқеъ мешаванд.

Дар робита бо ин дар шароите, ки ҳамасола шумораи ҷавонон афзоиш меёбад, барои баланд бардоштани сатҳи рушди қобилиятҳои соҳибкории насли наврас таҳия сохтани барномаҳои таълимии муносиб бо мақсади равнақи дониши насли наврас дар соҳаи соҳибкорӣ зарур аст, то ҷавонон аз назари иқтисодӣ босавод бошанд ва барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ шароите омода гардад, ки мустақилона тавонанд ба фаъолияти соҳибкорӣ оғоз кунанд ва дар оянда соҳибкори муваффақ гарданд [7-М].

6. Иқтидори содиротии соҳибкории хурду миёнаро танҳо дар ҳоли дастгирии ҳамаҷонибаи давлат рушд додан мумкин мегардад. Бо мақсади ҷалби соҳибкории хурду миёна ба доираи содиркунандагон ба давлат зарур аст, ки тадбирҳои молиявӣ ва ғайримолиявии дастгирӣ, аз ҷумла пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба содиркунандагон, ҷуброн кардани қисме аз хароҷоти вобаста ба фоизи қарз, суғуртакунии давлатии содирот ва ёрмандии молиявӣ дар намоишгоҳу ярмаркаҳоро андешад. Дар қатори тадбирҳои ғайримолиявии дастгирии давлатии содирот озод кардан аз андоз ва пардохтҳои гумрукӣ, таъсис додани ширкатҳои лизинги минтақавӣ ва ҳавасмандгардонии содиркунандагони ватаниро қайд кардан мумкин аст. Инчуни зарур аст, ки тадбирҳои мусоидат ба содирот аз тариқи таъсис додани клуби миллии содиркунандагон, марказҳои минтақавии содирот, рушди тиҷорати содиротии электронӣ, ки барои афзоиш додани иқтидорҳои содиротии кишвар ва зиёд намудани ҳаҷми молҳо дар дохили кишвар имконият фароҳам меорад, андешида шаванд [6-М].

7. Ҳар кишвар самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи иқтисодиро худ интихоб мекунад. Дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ шавқи дастрасӣ ёфтан ба мақсадҳои гузошташударо аз тарафи соҳибкорон ва ба уфуқҳои нави рушд расиданро зиёд мекунад. Дар танҳоӣ, бе ёрмандии давлат, бе ҳавасмандии соҳибкории хурду миёна дар шароити муборизаи бе созишкорӣ ва рақобати шадид бештарини соҳибкорон бо вуҷуди ҳама он хоҳишу омодагӣ ба сатҳи рушди дилхоҳ расида наметавонанд. Барои соҳибкории хурду миёна муҳити солиму муносиберо фароҳам сохтан лозим аст, ки дар он эҳтимоли хатар (риск) ба ҳадди камтарин расад [3-М].

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ (бо забони асл):

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М] Муллоев, П.Н. Тенденция развития малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев, М.Ф. Хакимова // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2016. – № 2-5 (208). – С. 123-129. ISSN: 2413-5151.

[2-М] Муллоев, П.Н. Становление и развитие правового регулирования субъектов малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев // Вестник ТГФЭУ. – Душанбе, 2016. – № 3 (7). – С. 128-132. ISSN: 2408-929Х.

[3-М] Муллоев, П.Н. Малое и среднее предпринимательство в Республике Таджикистан: становление и развитие [Текст] / П.Н. Муллоев // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2018. – № 3. – С. 67-73. ISSN: 2413-5151.

[4-М] Муллоев, П.Н. Состояние малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2017. – № 2-7. – С. 63-70. ISSN: 2413-5151

[5-М] Муллоев, П.Н. Региональное развитие малого и среднего предпринимательства: опыт зарубежных стран [Текст] / П.Н. Муллоев // Известия АН РТ. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 119-126. ISSN: 2076-2569.

[6-М] Низамова, Т.Д., Муллоев, П.Н. Основные барьеры развития малого и среднего предпринимательства и пути их преодоления в Республике Таджикистан на современном этапе [Текст] / Т.Д. Низамова, П.Н. Муллоев // Экономика Таджикистана. – Душанбе: ТГУК, 2020. – № 4 (1). – С. 87-96. ISSN: 2310-3957.

[7-М] Муллоев, П.Н. К вопросу формирования условий развития молодёжного предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев // Вестник ТГФЭУ. – Душанбе, 2021. – № 4 (1). – С. 159-165. ISSN: 2408-929Х.

**Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия:**

[8-М] Муллоев, П.Н. Электронная коммерция как средство повышения эффективности функционирования малого и среднего предпринимательства [Текст] / П.Н. Муллоев, М.Ф Хакимова // Материалы Республиканской конференции «Стратегия развития экономики Таджикистана на период 2016-2050 гг., в аспекте молодёжь и информационные технологии в экономике», г. Душанбе, 15 июня 2015 года. – Душанбе, 2015. – С. 72-76.

[9-М] Муллоев, П.Н. Некоторые проблемы налогообложения субъектов малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев // Сборник статей Научно-теоретической конференции преподавателей и студентов ФЭИТ, г. Душанбе, 22-23 апреля 2016 года. – Душанбе, 2016. – С. 154-157.

[10-М] Муллоев, П.Н. Государственная поддержка малого предпринимательства в контексте регионального развития: опыт зарубежных

стран [Текст] / П.Н. Муллоев // Материалы научно-практической республиканской конференции – 22 июня 2018 год, «Финансы социального сектора и его влияние на устойчивое развитие регионов Республики Таджикистан». – г. Душанбе, 2018. – С. 135-141.

[11-М] Муллоев, П.Н. Роль и значение малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / П.Н. Муллоев // Сборник статей Научно-теоретической конференции преподавателей и студентов ФЭИТ, г. Душанбе, 27-28 апреля 2018 года. – Душанбе, 2018. – С. 148-150.

[12-М] Муллоев, П.Н. Формирование условий развития молодёжного предпринимательства как фактора социально-экономического развития Республики Таджикистан [Текст] / Т.Д. Низамова, П.Н. Муллоев // Таджикистан. Экономика и управление (экономические науки). – Душанбе: ТНУ, 2020. – № 2. – С. 33-42.

[13-М] Муллоев, П.Н. Развитие электронной коммерции в малом и среднем предпринимательстве [Текст] / П.Н. Муллоев // Материалы Международной научно-практической конференции «Развитие инновационного менеджмента и его роль в применении стратегических целей страны» г. Душанбе, 2022. – Душанбе, 2022. – С. 75-78.

[14-М] Муллоев, П.Н. Анализ взаимодействия интересов государства и малого и среднего предпринимательства [Текст] / П.Н. Муллоев // Материалы Международной научно-практической конференции, посвящённая «двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» (2020 – 2040 гг.), 28-28 декабря 2022 /. Душанбе, 2022. – С. 75-78.

# АННОТАЦИЯ

на диссертацию Муллоева Парвиза Негматджановича на тему: «Организационно-экономический механизм развития малого и среднего предпринимательства в современных условиях» на соискание учёной степени кандидата экономических наук, по специальности 08.00.06-экономика и управление по сферам деятельности: (08.00.06.06–экономика предпринимательства).

**Ключевые слова:** малое и среднее предпринимательство, предприниматель, развитие, предпринимательская деятельность, социально-экономическая роль малого и среднего предпринимательства, регулирование, государственная поддержка, государственное регулирование, факторы, барьеры, действующие, ликвидированные, совершенствование, прогноз, стимулирование, меры, молодёжное предпринимательство, экспортно-ориентированное малое и среднее предпринимательство.

**Цель исследования.** Цель диссертационного исследования заключается в нахождении, разработке и обосновании действенных организационно-экономических механизмов развития малого и среднего предпринимательства в современных условиях.

**Методы исследования** и аппаратурой диссертационного исследования заключаются в применении абстрактно-логической, индуктивной, аналитических расчётов, социологического, экономико-статистический, графический, сравнительный и прогнозный, а также статистического и математического.

**Полученные результаты и новизна диссертационной работы** на основе статистических данных проведены прогнозные расчёты развития малого и среднего предпринимательства до 2030 года. Разработана модель саморазвития малого и среднего предпринимательства. Предложены меры развития молодёжного предпринимательства согласно возрастным группам. Предлагаются меры по развитию и поддержке экспортно-ориентированного малого и среднего предпринимательства.

**Степень использования** заключается в улучшении организационно-экономического механизма развития малого и среднего предпринимательства, Практическая значимость диссертационной работы заключается в том, что полученные автором результаты и выводы диссертационного исследования могут быть использованы при разработке предложений по совершенствованию программ государственной поддержки предпринимательства.

**Область применения:** Полученные в диссертационном исследовании результаты могут быть использованы Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан, Министерства промышленности и новых технологий Республики Таджикистан, Национальной ассоциации малого и среднего бизнеса Республики Таджикистан. Также результаты исследования могут быть использованы в преподавании чтении таких дисциплин как: «Экономическая теория», «Основы предпринимательской деятельности», «Экономика предприятий» «Микроэкономика».

# АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Муллоев Парвиз Негматджанович дар мавзӯи «Механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурду миёна дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – иқтисодиёт ва идоракунӣ аз рӯи соҳаҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиётӣ соҳибкорӣ).

**Вожаҳои калидӣ:** соҳибкории хурду миёна, соҳибкор, рушд, фаъолияти соҳибкорӣ, нақши иҷтимоию иқтисодии соҳибкории хурду миёна, танзим, дастгирии давлатӣ, танзими давлатӣ, омилҳо, монеаҳои мавҷуда, барҳамхӯрда, тараккиёти иктисодй, пешгӯӣ, ҳавасмандгардонӣ, тадбирҳо, соҳибкории ҷавонон, соҳибкории хурду миёнаи ба содирот нигаронидашуда, рушди тиҷорати электронӣ.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат аз пайдо намудан, таҳия сохтан ва асоснок кардани механизмҳои ташкилию- иқтисодии рушди соҳибкории хурду миёна дар шароити муосир мебошад.

**Усулҳои тадқиқот** ва таҷҳизоти тадқиқоти диссертатсия аз истифодаи ҳисобҳои абстрактӣ-мантиқӣ, индуктивӣ, таҳлилӣ, сотсиологӣ, иқтисодӣ-оморӣ, графикӣ, муқоисавӣ ва пешгӯӣ, инчунин оморӣ ва математикӣ иборатанд.

**Натиҷаҳои бадастомада ва навоварии диссертатсия** дар асоси маълумотҳои оморӣ ҳисобҳои пешгӯиии рушди соҳибкории хурду миёна то соли 2030 анҷом дода шудаанд. Модели рушди худидоракунии соҳибкории хурду миёна таҳия шудааст. Тадбирҳои пешниҳодшуда оид ба рушди соҳибкории ҷавонон аз рӯи синну сол. Тадбирҳо оид ба рушд ва дастгирии соҳибкории ба содирот нигаронидашудаи хурду миёна пешниҳод мешаванд.

**Дараҷаи истифода** аз такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурду миёна мебошад.Аҳамияти амалии кори диссертатсия дар он аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертсиониро метавон ба даст овард. ҳангоми таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили барномаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ истифода мешавад.

**Доираи истифодабпрӣ:** Натиҷаҳои дар таҳқиқоти диссертатсия гирифташуда метавонанд аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёнаи ҷумҳурӣ истифода шаванд. Точикистон. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро дар таълими хониш аз фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ», «Иқтисодиёти корхонаҳо», «Микроиқтисодиёт» истифода бурдан мумкин аст.

## ANNOTATION

on the dissertation of Mulloev Parviz Negmatdzhanovich on the topic: "Organizational and economic mechanism for the development of small and medium-sized businesses in modern conditions" for the degree of candidate of economic sciences, specialty 08.00.06 - economics and management by areas of activity: (08.00.06.06 - business economics).

**Key words:** small and medium business, entrepreneur, development, entrepreneurial activity, socio-economic role of small and medium business, regulation, state support, state regulation, factors, barriers, existing, liquidated, improvement, forecast, stimulation, measures, youth entrepreneurship, export- oriented small and medium business.

**Purpose of the study.** The purpose of the dissertation research is to find, develop and justify effective mechanisms and specific proposals in order to enhance the role of small and medium-sized businesses in ensuring sustainable economic development of the Republic of Tajikistan.

**Research methods** and dissertation research equipment consist in the use of abstract-logical, inductive, analytical calculations, sociological, economic-statistical, graphical, comparative and predictive, as well as statistical and mathematical.

**The results obtained and the novelty of the dissertation work** on the basis of statistical data are carried out forecasting calculations for the development of small and medium-sized businesses until 2030. A model of self-development of small and medium-sized businesses has been developed. Proposed measures for the development of youth entrepreneurship according to age groups. Measures are proposed to develop and support export-oriented small and medium-sized businesses.

**The degree of use lies** in improving the organizational and economic mechanism for the development of small and medium-sized businesses. The practical significance of the dissertation work lies in the fact that the results obtained by the author and the conclusions of the dissertation research can be used in developing proposals for improving state support programs for entrepreneurship.

**Application area:** The results obtained in the dissertation research can be used by the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan, the Ministry of Industry and New Technologies of the Republic of Tajikistan, the National Association of Small and Medium Businesses of the Republic of Tajikistan. Also, the results of the study can be used in teaching reading such disciplines as: "Economic theory", "Fundamentals of entrepreneurial activity", "Economics of enterprises", "Microeconomics".

Ба чопаш 25.02.2023 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Қоғази офсетӣ.
Адади нашр 100 нусха. 3,0  ҷузъи чопӣ.

734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½.
Матбааи «Тоҷир»